Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

№24 (12558)
18 июн
соли 2026

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

САНАД

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва эътирофи сатҳи олӣ барои саҳми арзанда дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳқиқот, сиёсати устувор, инчунин, ҳалли масъалаҳои глобалии об ва тағйирёбии иқлим фармон медиҳам:

1. Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об таъсис дода шавад.

2. Маблағгузории Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом дода шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду моҳ низомнома ва ҳайати Комиссияи Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обро таҳия ва тасдиқ намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**
ш. Душанбе
15 июни соли 2026, №1184

Тавзеҳот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об»

15.06.2026, шаҳри Душанбе

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2026, №1184 Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об таъсис дода шуд.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об идомаи мантиқии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об ба ҳисоб меравад ва аз иқдомҳои дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Қобили зикр аст, ки дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи охир ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфта, дар ҳалли масъалаҳои глобалии об ва ҳифзи пиряхҳо нақши муассир гузошта истодаанд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ эълон гардидани «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 2025» ва Даҳсолаи байналмилалии амал барои илмҳои криосферӣ (2025-2034) аз ҷумлаи ташаббусҳои кишвари мо мебошанд.

Илова бар ин, бо пешниҳоди Тоҷикистон аз соли 2025 сар карда, 21-уми марти ҳар сол ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиярхҳо» ҷашн гирифта мешавад.

Бояд гуфт, ки имрӯз конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Раванди оби Душанбе» дар байни ҳамоишҳои ҷаҳонӣ мавқеи хос пайдо карда, ҳамчун платформаи байналмилалӣ барои баррасии масъалаҳои глобалии марбут ба захираҳои об арзёбӣ мегардад.

Қабули қатъномаҳо аз ҷониби созмони бонуфузи ҷаҳонӣ ифодаи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудани ташаббусҳои Тоҷикистон, хосатан ибтикороти созандаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ин раванд, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари калидӣ дар ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тақвият мебахшад.

Ҳамзамон бо ин, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ниҳодҳои илмиву таҳқиқотии соҳавиро ҷиҳати таҳкими омӯзиши масъалаҳои марбут ба об бештар гардонида, раванди мубодилаи технологияҳо ва ҷалби сармоягузориро барои ҳифзи пиряхҳо ва дастрасӣ ба оби тоза тақвият мебахшад.

Барои муайян кардани номзадҳо барои дарёфти ҷоизаи мазкур комиссияи босалоҳият таъсис ёфта, ба ҳайати он намояндагони Донишкадаи об, муҳити зист ва тандурустии Донишгоҳи Созмони Милали Муттаҳид низ шомил карда мешаванд ва маросими ҷоизасупорӣ дар доираи чорабиниҳои байналмилалӣ дар соҳаи об, ки дар Тоҷикистон баргузор мегарданд, сурат хоҳад гирифт.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз 15 июни соли 2026 №383, ш. Душанбе
Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Мирзозода А. Н.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Мирзозода Абдусалом Назаралӣ ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз 15 июни соли 2026 №384, ш. Душанбе
Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Маҳмадалӣ Б. Н.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз 15 июни соли 2026 №385, ш. Душанбе
Дар бораи ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон таъин намудани Давлатзода Д. С.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Давлатзода Давлат Сангин ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз 15 июни соли 2026 №386, ш. Душанбе
Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Академияи сайёҳӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Саидзода М. М.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Саидзода Масрур Мирзохон ректори Муассисаи давлатии «Академияи сайёҳӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
аз 15 июни соли 2026 №387, ш. Душанбе
Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи иқтисоди ҷаҳон ва дипломатия»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Ҷабборзода Ф. А.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Ҷабборзода Фатҳулло Амрӣ ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи иқтисоди ҷаҳон ва дипломатия»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

Ин бодиҳ буруту нихват андар бинӣ,
Он рӯз, ки аз амал бияфтӣ, бинӣ.
Саъдии Шерозӣ

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ



12 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ ва рушди илму маориф дар Тоҷикистон» баргузор гардид.

Ҳамоиши мазкур ба истиқболи 29-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ баргузор гардида, устодону донишмандон ва кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

Ҳамоишро вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ифтитоҳ намуда, зимни суханронии худ аҳаммияти таърихӣ ва сиёсиву иҷтимоии Ваҳдати миллиро ҳамчун омили калидии рушди устувори давлат ва ҷомеа таъкид кард. Зикр гардид, ки маҳз дар заминаи сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ соҳаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла, илму маориф рушд ёфта, барои ташаккули неруи зеҳнӣ ва рушди захираҳои инсонӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Қайд карда шуд, ки маҳз дар шароити сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки бо талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин гардидааст, барои рушди соҳаи маориф ва илм, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ заминаи мусоид фароҳам омадааст.

Дар идома номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С. Ҳайдарзода дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ – андешаи меҳварӣ дар худшиносии миллӣ» маърӯза намуда, нақши ваҳдатро дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва рушди арзишҳои фарҳангиву маънавии ҷомеа шарҳ дод.

Ҳамчунин, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Бобозода дар мавзуи «Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори иқтисоди миллӣ» баромад намуда, таъкид кард, ки рушди иқтисоди миллӣ маҳз дар заминаи сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ таъмин гардида, барои пешрафти дигар соҳаҳо, аз ҷумла, маориф ва илм шароити мусоид фароҳам овардааст.

Сармуҳаррири маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» Д. Қурбонзода бо маърузаи «Аз ваҳдат то маърифат: рушди маориф ва илм дар партави сулҳу субот» баромад намуда, ба масъалаҳои рушди низоми маориф, нақши омӯзгор дар тарбияи насли босавод ва аҳаммияти илму маърифат дар пешрафти ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Дар ҷараёни музокираҳо иштирокдорон доир ба масъалаҳои мубрами рушди илму маориф, таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва истифодаи самараноки дастовардҳои илмӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар анҷом таъкид гардид, ки Ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши олии миллӣ бояд ҳифз ва таҳким ёфта, махсусан, дар соҳаи маориф ва илм нақши калидии худро нигоҳ дорад.

Мулоқот бо ҳайати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин

10 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо ҳайати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид.

Дар мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои муҳимми рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои маориф, илм, омӯзиши забони чинӣ, табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм меҳмононро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки муносибатҳои Тоҷикистону Чин таҳти роҳнамоӣ ва дастгирии доимии сарони ду давлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин сол ба сол таҳким ёфта, ба сатҳи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ расидаанд.

Зимни суханронӣ зикр гардид, ки ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар заминаи санадҳои муҳимми дуҷониба, аз ҷумла, Аҳдномаи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва Созишнома оид ба эътирофи мутақобилаи дипломҳо роҳандозӣ мешаванд.

Таъкид карда шуд, ки айни замон 10 муассисаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон узви шабакаи донишгоҳҳои Созмони ҳамкории Шанхай буда, дар 9 муассисаи таҳсилоти олӣ барои ҳазорҳо донишҷӯ омӯзиши забони чиниро ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, 16 муассисаи таҳсилоти олии кишвар бо 23 муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидаанд.

Ҷонибҳо фаъолияти донишкадаҳои Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, Маркази Лубан дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ва Маркази омӯзиши забони чинӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро ҳамчун намунаҳои муваффақи ҳамкориҳои дуҷониба арзёбӣ намуданд.

Дар рафти мулоқот ҷониби Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки ҳамкориҳо дар самтҳои таъсиси марказҳои муштараки таҳқиқотӣ оид ба зеҳни сунъӣ, технологияҳои иттилоотӣ, энергетикаи сабз ва ҳифзи муҳити зист, инчунин, ташкили марказҳои таълимӣ бо таҷҳизоти рақамӣ ва лабораторияҳои муосир густариш дода шаванд.

Ҳамзамон, масъалаҳои татбиқи барномаҳои таҳсилоти рақамӣ, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин, омодасозии омӯзгорони маҳаллӣ ва таҳияи захираҳои таълимии рақамӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар ин замина, ҷониби Тоҷикистон аз ташаббуси таҳияи Созишномаи байниидоравӣ оид ба омӯзиши забони чинӣ ҷонибдорӣ намуда, онро ҳамчун заминаи муҳим барои рушди минбаъдаи омӯзиши забони чинӣ дар кишвар арзёбӣ кард. Ҳамчунин, масъалаи густариши низоми байналмилалии арзёбии дониши забони чинӣ (HSK) ва таъсиси марказҳои имтиҳонӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Дар анҷом ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои маориф ва илм изҳор намуда, баргузории чунин вохӯриҳоро барои рушди муносибатҳои дуҷониба муҳим арзёбӣ намуданд.

Густариши ҳамкориҳо бо Латвия



11 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Латвия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Гиртс Яунземс баргузор гардид.

Дар оғоз муовини якуми вазир таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои маориф, илм ва инноватсия аҳаммияти махсус медиҳад. Зикр гардид, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои созандаи Тоҷикистону Латвия барои рушди ҳамкориҳои байни муассисаҳои таълимӣ ва илмии ду кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Муовини якуми вазир қайд кард, ки дар шароити муосир рушди босуръати технологияҳо, рақамикунонии соҳаҳои гуногун, таҳаввулоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва зарурати татбиқи ҳадафҳои рушди устувор аз кишварҳо тақозо менамояд, ки ҳамкориҳои байналмилалии худро дар самти маориф ва илм боз ҳам тақвият бахшанд. Тавассути табодули дониш, таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак метавон барои омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва рушди иқтидори илмӣ заминаҳои устувор фароҳам овард.

Зимни мулоқот масъалаҳои марбут ба рушди мубодилаи академии донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон, роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисос ва тавсеаи ҳамкориҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои илмӣ-тадқиқотии ду кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо масъалаи таъсиси платформаҳои муштараки таҳқиқотиро дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, инноватсияи аграрӣ, иқтисоди сабз ва энергетикаи устувор муҳокима намуданд. Дар ин замина, таъкид гардид, ки ҳамгироии таҷрибаи пешрафтаи аврупоӣ бо имкониятҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон метавонад барои татбиқи лоиҳаҳои муҳим ва натиҷабахш мусоидат намояд.

Дар рафти суҳбат масъалаи таҳкими робитаҳои институтсионалӣ миёни донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ду кишвар низ матраҳ гардид. Аз ҷумла, таъкид шуд, ки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ метавонад ҳамчун яке аз муассисаҳои калидӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти муҳандисӣ, технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонии бахши кишоварзӣ нақши муҳим бозад.

Муовини якуми вазир иброз дошт, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст барои густариши ҳамкориҳои дуҷониба тамоми имкониятҳои заруриро фароҳам оварда, ҷиҳати ҳамоҳангсозии ташаббусҳои муштарак, дастгирии илмӣ-методӣ ва рушди робитаҳои байни муассисаҳои таълимӣ мусоидат намояд.

Сафири Ҷумҳурии Латвия низ аз сатҳи муносибатҳои дӯстонаи ду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии ҷониби Латвияро барои густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм, технология ва рушди иқтидори инсонӣ таъкид кард. Ӯ аҳаммияти таҳкими робитаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои илмии ду кишварро махсус зикр намуда, онро омили муҳим барои рушди муносибатҳои минбаъда арзёбӣ намуд.

Дар анҷом ҷонибҳо аз натиҷаҳои вохӯрӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии худро барои идомаи муколамаи созанда, татбиқи ташаббусҳои муштарак ва тавсеаи ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои маориф ва илм таъкид карданд.

16 июн иҷлосияи шашуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати ҳафтум баргузор шуд.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Баррасии лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ

9 июни соли 2026 бо роҳбарии муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода мизи мудаввар оид ба баррасии лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар он мутахассисони соҳа иштирок намуда, масъалаҳои муҳимми марбут ба такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилоти умумиро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор доданд.

Зимни ифтитоҳи чорабинӣ таъкид гардид, ки Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ҳамчун ҳуҷҷати калидии танзимкунандаи соҳа, асоси муайянсозии мазмун ва сохтори таҳсилот, заминаи ягонаи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, низоми арзёбӣ ва фаъолияти касбии омӯзгорон мебошад.

Қайд карда шуд, ки бо дарназардошти дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи бознигарӣ ва мутобиқсозии стандарт ба талаботи ҷомеаи муосир ба миён гузошта шуда, лоиҳаи нави он бо дарназардошти тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, талаботи бозори меҳнат ва тамоюлҳои ҷаҳонии таҳсилот таҳия гардидааст.

Иштирокдорон зикр намуданд, ки дар лоиҳаи пешниҳодшуда ба масъалаҳои рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои ҳалли масъала, қобилияти муошират ва ҳамкорӣ, инчунин, омодагӣ ба зиндагии мустақил таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Ҳамзамон, дар он ҳифз ва тақвияти арзишҳои миллӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба таъриху мероси фарҳангии тоҷикон ҳамчун унсурҳои муҳимми сиёсати давлатии маориф таъмин гардидааст.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо таъкид гардид, ки яке аз вижагиҳои асосии лоиҳа гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мебошад, ки дар он диққати асосӣ ба истифодаи амалии дониш ва рушди салоҳиятҳои ҳаётӣ равона мегардад.

Ҳамчунин, иштирокдорон масъалаҳои вобаста ба таъмини робитаи мантиқӣ байни ҳадафҳои таҳсилот, натиҷаҳои интизории омӯзиш, барномаҳои таълимӣ, раванди таълим, арзёбӣ ва омодасозии омӯзгоронро баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили минбаъдаи ҳуҷҷат пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

Таъкид шуд, ки татбиқи самараноки ис-



лоҳоти пешниҳодгардида танҳо дар асоси ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои соҳавӣ, олимону мутахассисон ва шарикони рушд имконпазир буда, муҳокимаҳои озоду созанда дар ин раванд нақши муҳим доранд.

Дар фарҷом изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои муҳокимаҳо барои такмили минбаъдаи лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ заминаи устувор фароҳам оварда, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди низоми маорифи миллӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иёлати Ютаи ИМА

11 июни соли 2026 муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода бо ҳайати техникии иёлати Ютаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мулоқот анҷом дод.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, омӯзиши забони англисӣ, таҳсилоти олӣ, табодули академӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини вазир зимни суҳбат таъкид намуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти махсус дода, густариши робитаҳоро бо муассисаҳои таълимӣ ва шарикони хориҷӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти худ меҳисобад. Қайд гардид, ки мубодилаи таҷрибаи пешрафта, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва фароҳам овардани имкониятҳои нави таҳсил барои ҷавонон метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилот ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намоянд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ масъалаҳои таҳкими инфрасохтори соҳаи маориф ва татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоии ба рушди муассисаҳои таълимӣ нигаронидашуда низ баррасӣ гардиданд. Аз ҷумла, масъалаи барқарорсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Рашт, ки дар натиҷаи заминларзаи соли 2024 зарар дидааст, мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифта, доир ба роҳҳои ҷалби шарикони рушд ва татбиқи ташаббусҳои муштарак ҷиҳати беҳтар намудани шароити таълим дар муассисаи мазкур мубодилаи афкор сурат гирифт.

Зимни мулоқот намояндагони ҳайати амрикоӣ оид ба Харитаи роҳи ҳамкориҳои стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иёлати Юта маълумот пешниҳод намуда, омодагии худро ҷиҳати дастгирии ташаббусҳо дар самти омӯзиши забони англисӣ, ҷалби ихтиёриёни соҳибзабон ба муассисаҳои таълимӣ, ташкили барномаҳои бозомӯзии омӯзгорон, табодули таҷрибаи касбӣ ва густариши ҳамкориҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ иброз намуданд.

Масъалаҳои ҷудо намудани стипендияҳо барои донишҷӯёни тоҷик, ташкили сафарҳои омӯзишӣ барои омӯзгорону донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва рушди ҳамкориҳо байни донишгоҳҳои Тоҷикистон ва иёлати Юта мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо имконияти татбиқи лоиҳаҳо дар самти рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро баррасӣ намуданд.

Дар анҷом ҷонибҳо аз натиҷаҳои гуфтушунид изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои минбаъда ва татбиқи ташаббусҳои муштарак дар соҳаи маориф таъкид карданд.

Маводи таълимию методии насли нав ва санадҳои меъёрии он

11 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовинони вазири маориф ва илм бо намояндагони ЮНИСЕФ ва Бонки Исломии Рушд доир ба баррасии паҳлуҳои стратегии чопи маводи таълимию методии насли нав ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи он баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовинони вазир Равшан Каримзода ва Бадриддин Музаффарзода, муовини роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эрӣ Двидевӣ, роҳбари бахши маорифи ЮНИСЕФ Наоко Хосака, мушовири байналмилалӣ Наргис Мирзоева, директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ Умед Ҳасанзода, инчунин, намояндагони сохторҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм иштирок намуданд. Ҳамзамон, ба таври маҷозӣ мушовири байналмилалии ЮНИСЕФ Анна Ермакова ва намояндаи Бонки Исломии Рушд Шаҳноз Валиҷонбекова ба кори ҷаласа ҳамроҳ гардиданд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм ҷаласаро ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки ислоҳоти соҳаи маориф, бахусус, татбиқи таҳсилоти ба салоҳият асосёфта, таҳия ва истифодаи маводи муосири таълимию методиро тақозо менамояд. Зикр гардид, ки ҳадафи асосии вохӯрӣ баррасии паҳлуҳои стратегии чопи маводи таълимию методии насли нав ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи ин самт ва муҳокимаи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои таҳия, чоп ва таъмини дастрасии муассисаҳои таълимӣ ба чунин мавод мебошад.

Сипас муовини роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эрӣ Двидевӣ аз сатҳи ҳамкориҳои судманд бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, аҳаммияти таҳияи механизмҳои муосири чоп ва паҳнсозии маводи таълимию методии насли навро барои таъмини сифати таҳсилот ва татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти соҳа муҳим арзёбӣ кард.

Дар идомаи ҷаласа мушовири байналмилалии ЮНИСЕФ Анна Ермакова тариқи маҷозӣ таҷрибаҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои коршиносиро вобаста ба таҳия, маблағгузорӣ, чоп ва истифодаи самараноки маводи таълимию методии насли нав муаррифӣ намуда, доир ба такмили санадҳои меъёрии танзимкунандаи ин раванд ибрози андеша намуд.

Зимни вохӯрӣ иштирокчиён масъалаҳои марбут ба чоп ва таъмини саривақтии муассисаҳои таълимӣ бо маводи таълимию методии насли нав, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи чопӣ, инчунин, такмили санадҳои меъёрии танзимкунандаи ин самтро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо оид ба роҳҳои такмили ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дахлдор, истифодаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои муштарак ҷиҳати таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маводи босифати таълимию методӣ мубодилаи афкор намуданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ ҷонибҳо омодагии худро барои идомаи ҳамкориҳои созанда ва татбиқи ташаббусҳои муштарак ҷиҳати рушди низоми таҳия, чоп ва дастрасии маводи таълимию методии насли нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд.

«ЗАБОНИ ЧИНӢ + МАЛАКАҲОИ КАСБӢ»

Аз 29 май то 11 июни соли 2026 намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Шеняни музофоти Ляонини Ҷумҳурии Мардумии Чин дар семинари байналмилалии омӯзишӣ таҳти унвони «Забони чинӣ + малакаҳои касбӣ» иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии баргузории чорабинӣ баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбии мутахассисон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами Ҷумҳурии Мардумии Чин дар самти татбиқи модели таълимии забони чинӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди табодули таҷриба байни мутахассисони соҳаи маорифи ду кишвар арзёбӣ гардид.

Дар доираи барномаи таълимии семинар иштирокчиён дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ иштирок намуда, доир ба низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин, сиёсати давлатӣ дар самти рушди таҳсилоти касбӣ, таҷрибаи омода намудани кадрҳои баландихтисос ва роҳҳои мутобиқ намудани омӯзиши забон ба талаботи бозори меҳнат маълумоти муфассал гирифтанд.

Ҳамзамон, мавзуъҳои муҳимми соҳа, аз ҷумла, «Забони чинӣ + тиб», «Забони чинӣ + тиҷорат», «Забони чинӣ + хизматрасонии сайёҳӣ», «Забони чинӣ + кишоварзӣ», «Забони чинӣ + саноати хӯрокворӣ» ва дигар самтҳои афзалиятнок мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд. Иштирокчиён бо усулҳои навини таълим, технологияҳои муосири омӯзишӣ ва таҷрибаи муассисаҳои пешрафтаи таълимии Ҷумҳурии Мардумии Чин шинос гардида, доир ба татбиқи онҳо дар раванди таълим мубодилаи афкор анҷом доданд.

Дар ин замина, ҳайати Тоҷикистон аз Донишгоҳи ҷанубу ғарбии хоҷагии ҷангал дар шаҳри Кунмин дидан намуда, бо таҷрибаи омода намудани мутахассисон дар бахшҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва низоми ҳамгироии илм бо истеҳсолот шинос шуданд.

Инчунин, иштирокчиён ба деҳаи Фубао ташриф оварда, бо натиҷаҳои татбиқи барномаҳои рушди деҳот, эҳёи маҳалҳои аҳолинишин, рушди соҳибкории деҳот ва таҷрибаи идоракунии маҳаллӣ аз наздик шиносоӣ пайдо намуданд. Зимни боздид таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва рушди иқтисоди маҳаллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Дар идомаи барномаи таҷрибаомӯзӣ ҳайати Тоҷикистон аз Донишгоҳи Дали боздид намуда, бо дастовардҳои илмӣ дар самти экологияи кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист, рушди устувори деҳот ва тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ шинос гардид. Ҳамчунин, дар Коллеҷи касбӣ-техникии Литзян иштирокчиён бо модели муосири ташкили таҳсилоти касбӣ, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо бахши истеҳсолот ва таҷрибаи омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ошно шуданд.

Дар доираи чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ намояндагони Тоҷикистон аз шаҳрҳои Кунмин, Дали ва Литзян боздид намуда, бо таъриху фарҳанг, тамаддун, мероси фарҳангӣ ва анъанаҳои мардумии минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Мардумии Чин шиносоӣ пайдо карданд. Аз ҷумла, боздид аз Осорхонаи геологии «Ҷангали сангӣ», шаҳри қадимаи Дали, шаҳри қадимаи Литзян, Қасри императории Шенян, кӯчаи машҳури Чжунзе ва дигар мавзеъҳои таъриху фарҳангӣ барои амиқтар дарк намудани фарҳангу тамаддуни чандҳазорсолаи мардуми Чин мусоидат намуд.

Ҳамзамон, намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи семинари омӯзишӣ дар конференсияи байналмилалии бародаршаҳрҳои музофоти Ляонин ва форуми байналмилалии ректорони донишгоҳҳо иштирок намуданд. Зимни баргузории чорабиниҳои мазкур масъалаҳои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, дар соҳаи маориф, таҳсилоти касбӣ ва табодули академӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, намояндагони Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ оид ба таҳкими ҳамкориҳои минбаъда мубодилаи афкор анҷом доданд.

Ҳамчунин, иштирокчиён дар чорабиниҳои фарҳангии бахшида ба фарҳанги чойи чинӣ, санъати хаттотӣ, мусиқӣ ва операи суннатии чинӣ иштирок намуда, бо арзишҳои фарҳангии ин кишвар аз наздик ошно гардиданд.

Қобили зикр аст, ки семинари байналмилалии «Забони чинӣ + малакаҳои касбӣ» барои густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи маориф, таҳкими робитаҳои байни муассисаҳои таълимӣ, мубодилаи таҷрибаи пешқадам, рушди таҳсилоти касбӣ ва баланд бардоштани иқтидори касбии мутахассисони соҳа заминаи мусоид фароҳам оварда.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

Дар шаҳри Ҳисор даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» ҷамъбаст шуд.

Тухми такаббур мафишон синаро,
Пушт мадеҳ суҳбати деринаро!
Хусрави Деҳдавӣ

РУШД

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи сивупанҷсолаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ назар афканда, мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёде амалӣ гардидаанд. Дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлол дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ, бартараф кардани низои дохилӣ тавассути ҷараён додани гуфтушунид бо мухолифин, бартараф сохтани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамтоёни хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дошт.



ТАВСЕАИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН

Тоҷикистон имрӯз бо 186 кишвари ҷаҳон робитаҳои устувори дипломатӣ дорад ва бо онҳо муносиботи дӯстонаву ҳамкориҳои судмандро дар соҳаҳои гуногун ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, робитаҳои Тоҷикистону Чин аз ибтидо масири рушди устуворро тай намудаанду имрӯз дар сатҳи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ қарор доранд.

Муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷавории мардумони мо анъанаҳои ғановатманди таърихӣ доранд ва ҳамаи ин аз даврони Роҳи бузурги абрешим маншаъ мегирад. Агар мо ба таърихи муосири ин муносибат назар афканем, мебинем, ки онҳо аз ибтидо ба роҳи рушди рӯзафзун ворид гардида, имрӯз дар сатҳи шарикии стратегӣ қарор доранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рушду таҳкими «Роҳи бузурги абрешим» суғдиҳо, ки аз ҷумлаи гузаштагони мо – тоҷикон мебошанд, саҳми бориз доштаанд. Ба мо дар ин хусус ҳуҷҷатҳои қадимаи суғдӣ, ки ҳанӯз соли 1907 дар яке аз манораҳои девори бузурги Чин кашф шуда буданд, маълумоти арзишманд медиҳанд. Мо дар Тоҷикистон намунаи зиндаи ин забони бостонӣ – яғнобиро ҳифз кардаем. Дар ду кишвар, аз ҳар чое, ки «Роҳи абрешим» мегузашт, нишонаҳои додугирифти фарҳангии тоҷикон ва чиниҳо то ба ҳол боқӣ мондаанд.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин қайд менамояд: «Мо ҳамеша аз рушди мунтазами ду кишвар дар кори пешрафт ва эҳёи миллӣ шод мешавем. Унсурҳои бунёдии ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятнок омили муҳимми рушди муносибатҳои дуҷониба гардидаанд. Ман бо Президент Эмомалӣ Раҳмон 15 маротиба вохӯрдам ва муносибатҳои хуби корию дӯстии амиқи шахсии мо ба пешрафти муносибатҳои Чину Тоҷикистон мусоидат менамоянд».

Вақте ки Тоҷикистон ба неъмати бебаҳои истиқлоли давлатӣ ноил шуд, Ҷумҳурии Мардумии Чин аз аввалинҳо шуда ба роҳи мустақили интихобнамудаи рушди сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии мо эҳтиром гузошт ва онро эътироф кард. Тоҷикистон Чинро дӯсти боэътимоду шарики самимӣ меҳисобад.

Бо ибтикори Тоҷикистон Қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид. Қатъномаи мазкур ҳамчун василаи муассир барои истифодаи зеҳни сунъӣ дар минтақаи мо бо мақсадҳои дастрасӣ ба ҳадафҳои рушди устувор хидмат хоҳад кард.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 4 январи соли 1992 оғоз гардидааст, ки аз ин сана зиёда аз 34 сол сипарӣ гардид.

Ду кишвар масъалаҳоеро, ки манфиатҳои куллии онҳоро фаро мегиранд (дар навбати аввал, соҳибистиқлолӣ, озодӣ ва тамомияти марзӣ), ҷонибдорӣ карда, роҳи интихобкардаи рушдро мутобиқи воқеияти миллӣ эҳтиром менамоянд ва ба ҳар кӯшиши аз берун бо ягон баҳона дахолат намудан ба корҳои дохилӣ қатъиян зид мебароянд. Унсурҳои бунёдии ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятнок омили муҳимми рушди муносибатҳои дуҷониба гардидаанд.

Ҷумҳурии Мардумии Чин калонтарин сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон ва шарики асосии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Робитаҳои иқтисодии давлатҳоро ҳамсарҳад будани Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ва доштани иқтидори фаровони захираҳои табиӣ ба ҳам наздик мекунад. Ҳамчунин, Чин яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои коммуникатсионӣ ва истиқлоли энергетикӣ мебошад. Дар ин замина, дар асоси робитаҳои дуҷонибаи мутақобилан судманди тарафҳо даҳҳо лоиҳаи вобаста ба роҳу нақлиёт ва энергетика татбиқ карда шудааст. Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз се шарики бузургтарини тиҷоратии Тоҷикистон аст. Ширкатҳои чинӣ дар бахши истихроҷи канданиҳои фоиданок ва металлургияи «Зарафшон», «Пакрут», «ТВЕА» сармоягузории калон доранд. Бо маблағгузории Чин лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ, навсозии шоҳроҳҳои Душанбе-Чаноқ, Кӯлоб-Қалъаи Хумб ва чанд лоиҳаи энергетикӣ (ТЭЦ-и «Душанбе-2») ичро шудаанд.

Бунёди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қашғар нишона аз рушди муносибатҳои дуҷониба дар фазои ҳамгироии нақлиётии минтақа гардид. Роҳи мазкур барои Чин ва Тоҷикистон аҳаммияти бузурги иқтисодӣ дошта, Чинро бо Эрону Афғонистон ва Тоҷикистонро бо Чину Покистон ва Ҳиндустон пайваст мекунад. Дар расидан ба истиқлоли энергетикӣ низ Чин ҳамкории густардаро бо Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Ба истифода додани хати интиқоли барқи 500 кв-и «Ҷануб-Шимол» ҳамкории энергетикии дуҷонибаро такон бахшид, ки дар натича шабакаи энергетикии Тоҷикистон ба системаи ягона пайваст карда шуд.

Таҳлили равобити дуҷониба муайян менамояд, ки муносибатҳои иқтисодии ду давлат дар ҳоли рушд қарор доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: «Мо минбаъд бо мақсади тавсеаи бештари робитаву ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои шарик доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам ва расидан ба ҳадафҳои мутақобилан судманд, инчунин, таъмини манфиатҳои Тоҷикистон ва мардуми он дар арсаи байналмилалӣ талош хоҳем кард».

Фарҳанг ва илм низ яке аз воситаҳои асосии рушди дипломатияи мардумӣ ба ҳисоб рафта, рушди онҳо заминаро барои ҳамкории саҳаҳои гуногун фароҳам меорад. Тоҷикистон ва Чин кишварҳои мероси бузурги фарҳангӣ мебошанд ва маҳз ин омили заминавӣ бояд барои бештар наздикшавии минбаъдаи онҳо мусоидат намояд.

Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба забони чинӣ, фарҳангу санъат ва театру кинои Чин рӯз аз рӯз афзун гардида истодааст. Омӯзиши забони чинӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ДМТ, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ солҳо боз ҷараён дорад. Дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Донишкадаи Конфутсий фаъолият мекунад, ки маркази асосии омӯзиши забони чинӣ мебошад. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон бо Донишгоҳи илм ва технологияи Ланҷҷоуи Чин ҳамкории зич дорад. Дар заминаи ин ҳамкорӣ мутахассисони соҳаи кӯҳкорӣ ва металлургия тибқи барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва устодон омода карда мешаванд. Чунин тамоюл, ҳамчунин, дар Чин дар самти омӯзиши забони тоҷикӣ, таърих ва фарҳанги мардуми тоҷик мушоҳида мегардад. Дар асоси шартнома донишҷӯён ва магистрантони ихтисоси технология ва таҷҳизоти саноати заргарӣ метавонанд ду соли таҳсили худро дар Донишгоҳи захираҳо ва муҳити зисти шаҳри Ланҷҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин давом дода, соҳиби дипломи ҳар ду донишгоҳ гарданд.

Дар Донишгоҳи забонҳои хориҷии шаҳри Пекин ва Донишгоҳи забонҳои хориҷии шаҳри Шанхай омӯзиши забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Дар Донишгоҳи омӯзгории Синтзян Маркази омӯзиши Рӯдакӣ, дар Донишгоҳи омӯзгории Шэнсӣ Маркази тадқиқотии омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва дар назди Донишкадаи саноатии касбӣ-техникии Чанҷоу Маркази тадқиқоти Тоҷикистон амал менамояд.

Ҳамасола дар Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсийи назди ДМТ озмуни ҷаҳонии «Пули забони чинӣ» баргузор карда мешавад. Дар чорабинӣ намояндагон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафорати Ҷумҳурии мардумии Чин дар Тоҷикистон, сохторҳои марбутаи ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ширкат менамоянд.

Аз соли 2018 дар Донишгоҳи забонҳои хориҷии Пекин омӯзиши забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, «Маркази Тоҷикистон» таъсис дода шудааст.

Дар маркази мазкур омӯзиш ва тарғиби забони тоҷикӣ, муаррифии фарҳангу таърихи миллати тоҷик, расму русум ва анъанаҳои суннатии мо, ҳамчунин, муқаддасоти миллӣ, дастовардҳову ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад. То ба имрӯз даҳҳо китоб ба забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ тарҷума шудааст. Намунаи барҷастаи онҳо асари донишманди бузурги тоҷик академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна» ба забони чинӣ ва «Тоҷикон: расму ойин ва фарҳанги мардумӣ» ба забони тоҷикӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола мустақиман тариқи онлайн дар барномаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин сабти ном намуда, имтиҳон супорида, соҳиби роҳҳати идомаи таҳсил дар ин донишгоҳҳо мегарданд. Тариқи шартномавӣ низ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳсил менамоянд.

Имрӯз 10 муассисаи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон узви шабакаи донишгоҳҳои Созмони ҳамкории Шанхай буда, дар 13 донишгоҳи мо омӯзиш аз рӯйи ихтисоси забони чинӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамкории Тоҷикистон ва Чин дар соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг, ҳамчунин, метавонанд тавассути роҳандозии таҳқиқоти муштараки илмӣ дар бахшҳои геология, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо, захираҳои обӣ, таърих, бостоншиносӣ ва мероси фарҳангӣ мазмуну муҳтавои нав пайдо намоянд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чин дар ҳоли густариш қарор доранд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин омили рушди иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки чунин ҳамкориҳо дар оянда низ тавсеа ёбанд. Рушди ҳамкориҳо ба таҳкими суботу амнияти минтақа алоқаманд аст. Суботу амнияти Осиёи Марказӣ ҳам барои кишварҳои минтақа ва ҳам барои Чин хеле муҳим мебошад.

Бахтиёр МАҲМАДАЛӢ,
ректори Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, профессор

Қадамҳои устувор ба сӯйи фардо

Чанде пеш дар мактаби №28-и шаҳри Норак конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар инкишофи тафаккури насли наврас» баргузор гардид.

Дар он муовини раиси шаҳр Насиба Фароғатзода, раиси Кумитаи иҷроияи дар шаҳри Норак Савлатмоҳ Асозода, мудири шуъбаи маориф Субҳоналӣ Баротзода, директорони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон иштирок намуданд.

Зимни суханронӣ таъкид карда шуд, ки баргузории чунин ҳамоишҳои илмӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, рушди тафаккури илмӣ ва ҷалби хонандагон ба омӯзиши фанҳои дақиқ аҳаммияти муҳим дорад.

Иштирокчиён дар суханроніҳои худ оид ба такмили раванди таълим, истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва рушди қобилияти фикрронии таҳлилӣ миёни хонандагон ибрози назар намуданд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки амалисозии ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма гирифта, барои омода намудани насли наврас ба талаботи замони муосир мусоидат менамояд.

Дар хотима ба иштирокчиёни фаъол барои саҳми арзанда дар рушди соҳаи маориф туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Абдумумин АБДУЛЛОЕВ,
мушовири шуъбаи маорифи шаҳри Норак

Аз моҳи январ то апрели соли равон ба Тоҷикистон 439,4 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ворид гардидааст.

ФАЪОЛИЯТ

Дастовардҳои назаррас дар самти таҳсилоти томактабӣ

Таълим ва тарбияи кӯдакони синни томактабӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки фаъолияти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, зеро маҳз дар ҳамин давра кӯдакон ба зинаи минбаъдаи таҳсил омода мегарданд. Бо мақсади омӯзиш ва таҳқиқи фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба таълиму тарбияи босифат, дастовард, мушкилот ва дурнамои он бо Дилафрӯз Назарализода – сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат намудем.



– Муаллимаи азиз, пеш аз ҳама, мехостем бифаҳмем, ки вазъи кунунии фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дар кишвар чӣ гуна аст? Кадом омилҳо, асосан, ба чалби бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат мекунанд?

– Таҳсилоти томактабӣ чиҳати рушди шахсияти кӯдак ва омода намудани онҳо ба муассисаи таҳсилоти умумӣ нақши назаррас дорад. Аз ин ҷост, ки он зери таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мақоми ваколатдори соҳа ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Роҳбарияти олии кишвар пайваста тадбирҳои муҳим меандешад. Маҳз натиҷаи ҳамин тадбирандешиҳост, ки фарогирӣ ба таври назаррас зиёд гардида, аз 15,6% (соли 2022) дар соли 2026 бо дарназардошти таъсиси марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдак ба 30,8% расида, талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро гардид.

Ҷиҳати амалинамоии ҳадафи 4-ум – рушди устувор ва талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (50% фаро гирифтани кӯдакони синни томактабӣ) фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ сол то сол беҳтар мегардад.

Дар ин давра теъдоди муассисаҳои томактабӣ ба 831 адад ва шумораи кӯдакони фарогирифташуда 134263 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 (757 адад) 74 муассиса ва 15871 кӯдак (соли 2025 118392 кӯдак) зиёд мебошад.

Бо мақсади фарогирии бештар ва ҷиҳати дастрасии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3158 маркази инкишофи барвақтии кӯдак бо фарогирии 183710 кӯдак таъсис дода шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 227 марказ ва 50349 кӯдак зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар нимсолаи якуми соли 2025 2931 марказ ва 133361 кӯдакро ташкил медод.

Дар маҷмуъ, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ бо назардошти марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдак 317973 нафар ё 30,8%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта таносубан 66220 кӯдак ва 7,1% зиёд мебошад.

Дар ин раванд, таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи томактабӣ, қабули барномаҳои давлатӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ташкили шаклҳои алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ омилҳои асосие мебошанд, ки ба рушди бемайлони самти томактабӣ ва зиёд гардидани фарогирӣ мусоидат менамоянд.

Инчунин, пеш аз ҳама, моҳияти таълиму тарбияи томактабӣ чун заминаи рушди кӯдак ба ҷомеа муаррифӣ гардида, рушди бемайлони он тавассути таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохтмону бунёди муассисаҳои томактабӣ ва беҳтар намудани заминаи моддӣ-техникӣ таъмин мегардад.

– Имрӯз дар масъалаи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ кадом мушкилот мавҷуданд?

– Дар баробари дастовардҳо, дар самти таълиму тарбияи томактабӣ мушкилот низ ҷой доранд. Аз ҷумла, иҷро нагардидани талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то соли 2025 30% фаро гирифтани кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ дар чанде аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, иҷро нагардидани талаботи Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар самти ҳамасола сохта ба истифода додани 1 муассисаи томактабӣ ва ҷудо намудани маблағ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, таъмин набудани баъзе марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдак бо мутахассисони касбии дорои ихтисосҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ (дар бархе аз шаҳру ноҳияҳо ба ғайр аз омӯзгорони ихтисосҳои мазкур омӯзгорони фаннӣ ва ғайриихтисос низ ба таълиму тарбияи томактабӣ машғуланд), риоя нагардидани талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гурӯҳбандии кӯдакон вобаста ба синну сол, ғайримақсад истифода шудани бинои баъзе кӯдакистонҳо, пардохт нагардидани музди меҳнати омӯзгорони марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак аз ҳисоби буҷет дар бархе аз шаҳру ноҳияҳо, таъмирталаб ва садамавӣ будани якчанд муассисаҳои томактабӣ ва монанди инҳо.

– Солҳои охир дар кишвар ба рушди шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла, марказҳои инкишофи кӯдак, гурӯҳҳои кӯтоҳмуддат ва кӯдакистонҳои хусусӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Ба андешаи шумо, ин тадбирҳо то чӣ андоза ба афзоиши фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат мекунанд?

– Вазорати маориф ва илм бо дарназардошти муҳиммияти масъала, талаботи ҷомеа ва бо мақсади дастрасии таълиму тарбияи томактабӣ, шакли алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ – марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдакро роҳандозӣ намуд, ки ба фарогирии бештари кӯдакон мусоидат намуд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар муассисаҳои томактабӣ 13% ва дар марказҳои инкишофи барвақтии кӯдакон 17,8%-и кӯдакони синни томактабӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар баробари ин, имрӯзҳо дар кишвар шаклҳои дигари алтернативӣ – гурӯҳҳои бозӣ ва гурӯҳҳои томактабии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври озмоиш фаъолиятро шуруъ намудаанд.

Дар баробари ин, оғоз аз соли 2027 кӯдакистонҳои оилавӣ низ чун шакли алтернативӣ ба кор шуруъ хоҳанд кард.

Ҳамаи ин ба он мусоидат менамояд, ки фарогирии кӯдакон бештар гардида, талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати то соли 2030 фаро гирифтани 50%-и кӯдакони синни томактабӣ ба таълиму тарбия иҷро гардад.

– Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи томактабӣ дар ҷумҳурӣ кадом корҳо роҳандозӣ карда шудаанд?

– Таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷдиди мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияи томактабӣ аз зумраи тадбирҳое ст, ки барои танзими фаъолияти муассисаҳо ва беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи томактабӣ, пеш аз ҳама, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти муассисаҳоро танзим ва дар ниҳояти кор ба беҳ шудани раванди таълиму тарбия мусоидат менамояд, таҳким бахшида шуда, бо як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйирот ворид карда шуда, ҳамчунин, якчанд санади нав таҳия гардид.

Дар баробари ин, омӯзгорону мураббиён мунтазам тибқи нақшаи дурнамо аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд. Инчунин, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши забонҳои русиву англисӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ба роҳ монда шуд, ки барои минбаъд ҳамчун насли босавод ва донишманд ба камол расидани тарбиягирандагон мусоидат хоҳад намуд.

Бо мақсади муҳайё намудани шароити мусоиди таълиму тарбия тадбирҳои дигар низ андешида мешавад. Аз ҷумла, дар доираи барномаҳои давлатӣ 1000 адад кати хоб, 2500 адад мизу курсӣ, 200 адад ҷевон барои бозича, 200 ҷевон барои либоси кӯдакон ва 200 миз барои мураббиён харидорӣ ва дастраси муассисаҳои томактабӣ карда шуд.

– Норасоии муассисаҳо ё мутахассисони соҳа ба сифати таълиму тарбия таъсир мерасонад?

– Албатта, сифати таълиму тарбияи томактабӣ ба таъминот бо мутахассисон ва дараҷаи касбияти онҳо вобастагии зиёд дорад.

Айни ҳол дар муассисаҳои таълимии томактабии ҷумҳурӣ 12468 мураббӣ ва дар марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдаки назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 5732 омӯзгор фаъолият менамоянд.

Вазорати маориф ва илм бо мақсади такмили маҳорати касбии мутахассисони амалкунанда тадбирҳои амалӣ андешида, дар ин радиф, дар баробари аз такмили ихтисос гузаронидан, онҳоро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии навтаҳиягардида шинос менамояд.

Вобаста ба ин, дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳа ва филиалҳои он дар 5 соли охир 163696 нафар ва бо дарназардошти 3-сола гардидани муҳлати аз курси такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон дар 5 моҳи соли 2026 4135 нафар корманди муассисаҳои томактабӣ дар курсу семинарҳои омӯзишӣ иштирок намуда, маҳорати касбии хешро баланд бардоштанд.

Дар баробари ин, аз ҷониби Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон», ки дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, омӯзгорони марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдакон тавассути модулҳои нави таълимӣ аз курсу семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Бо мақсади бартараф намудани норасоии муассисаҳои томактабӣ, Барномаи рушди таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки тибқи он бунёди 800 муассисаи томактабӣ ба нақша гирифта шудааст.

– Дар хусуси дастовардҳои муҳим дар самти рушди таҳсилоти томактабӣ солҳои охир ва нақшаҳои оянда маълумот медодед.

– Бо таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самти томактабӣ сол ба сол рушд менамояд. Қабули ҳуҷҷатҳои стратегияву барномаҳои давлатӣ, сохтмони муассисаҳои наву замонавӣ ва таъминот бо таҷҳизот бозгӯйи таваҷҷуҳу ғамхориҳои Роҳбарияти олии кишвар ба муассисаҳои томактабӣ мебошад.

Вобаста ба ин, дастовардҳо низ назаррасанд. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи ҷомеа ба муассисаҳои томактабӣ, дарки аҳаммияти таълиму тарбияи томактабӣ, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, таҷдиди мазмуну мундариҷаи таҳсилот, сохтмони муассисаҳои замонавӣ, беҳ гардидани инфрасохтор, таъсиси шаклҳои алтернативӣ, афзудани фарогирии кӯдакон, ҷудо гардидани воҳиди кории омӯзгори гурӯҳҳои инкишофи барвақтии кӯдак ва омӯзгорони забонҳои русиву англисӣ гувоҳи рушди соҳа буда метавонанд.

Дар баробари ин, бояд талаботи барномаҳои давлатӣ, ки ҳамзамон, нақшаҳо барои 5 соли оянда ба шумор мераванд, сифатнок иҷро гардад. Чунончи, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024), вобаста ба бунёди як муассисаи томактабӣ дар маҳалҳои аҳолинишине, ки беш аз 100 оила зиндагӣ мекунад, Барномаи рушди таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2026, №117 тасдиқ карда шуд. Тибқи нақшаи сохтмони барномаи мазкур, бояд давоми 5 соли оянда 800 муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода шавад. Вазорат ҳамчун масъули амалишавии барнома иҷрои босамари онро дар нақшаи минбаъдаи фаъолият дар қатори масъалаҳои авлавиятдошта қарор додааст. Дар заминаи барномаи мазкур, Нақшаи чорабиниҳои вазорат таҳия ва бо фармоиши вазири маориф ва илм тасдиқ гардида, барои иҷрои босифат ва саривақтӣ ба тамоми воҳидҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои тобеи он ирсол шудааст.

Ҳамчунин, бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон бояд дар баробари марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдак, шаклҳои алтернативии дигар, аз қабили гурӯҳҳои бозӣ, кӯдакистонҳои оилавӣ ва гурӯҳҳои томактабии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (таълими дуалӣ) таъсис дода шавад.

– Ташаккур барои суҳбат.

– Саломат бошед.

Мусоҳиб
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

Дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон роботи интеллектуалии насли нав ба раванди таълим ҷорӣ гардид.

АФКОР

Таҷрибаи таърихӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло бо тамоми қувваҳои маънавӣ, сиёсӣ ва интеллектуалияш ба пешвози ҷашни 35-умин солгарди соҳибистиқлолии худ равон аст.



Хушбахт аз онем, ки наслеро дар амну осоиштагӣ парваридем, ки аз хатари пошхӯрии давлату миллат танҳо аз китобҳои таърих ва аз нақли калонсолон огоҳӣ доранд. Кӯшишҳои мардуми шарафманди тоҷик таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи пойдории миллат, таъмини якпорчагии он, роҳ надодан ба низоъҳои нави миллӣ, аз байн бурдани ихтилофот дар ҳамдигарфаҳмӣ ва уқдаҳои бознашавандаи масъалаҳои байниэтникӣ ва миллии Тоҷикистон самар додааст.

Маҳз ба ин хотир, ҳоло Тоҷикистони азиз роҳнамои кишварҳои ҷаҳон дар татбиқи мусолиҳаи миллист ва башар кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари дорои таҷрибаи бобарори мадоро ва оромиву сулҳофар мешиносад.

Таҳти сарварии Пешвои миллат дар ҷомеаи тоҷик аз рӯзҳои аввали истиқлол майлони қавиву нерӯгирандаи афроди пешқадами ҷомеа ба омӯзиш ва истифодаи амалӣ аз таърихи миллат ва таҷрибаи сиёсии ниёгонамон, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пайдоиш, нерӯгирӣ ва рушди миллат ба вуҷуд омада, рушду нумуи қудратманд пайдо кард.

Ташаббусҳои беназири Пешвои миллат дар омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ оламгир шуда, номи неки тоҷиконро, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намуда, соҳибфарҳангӣ ва меросбарии сазоворашро аз он эълом доштаанд, ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд. Кишвари мо пайванд дошtани хешро бо ин таърихи куҳан ва фарҳанги нодир эҳсос карда, кӯшишҳои пайгиронаро ҷиҳати иҷрои ҳидоятҳои Пешвои миллат ба хотири посдории номуси ватандорӣ, ном ва корномаҳои арбобони миллат ва аз нав зинда гардонидани он, ҳамчунин, бо ифтихор дар бораашон ҳарф мезанем, ба фарзандони халқи далерамон анҷом медиҳад. Тадбирҳои Ҳукумати кишвар таҳти сарварии Пешвои миллат оид ба баргузории ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ, бахусус, 1100-солагии давлати Сомониён, соли тамаддуни Ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Имоми Аъзам ва дигарон маҳз ба ҳамин хотир равона шуда, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овардаанд, ки бо моҳият ва арзишҳои ҷаҳониашон худшиносии тоҷиконро таҳким бахшиданд.

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки шинохти таърих ва ҳикмату фарҳанги оламгири ниёгон ба хотири муаррифии мақоми ҷаҳонии миллати мо мебошад. Он дар худогоҳӣ ва ҷустуҷӯҳои таърихиву миллии тоҷикон марҳалаи комилан тозаро ба вуҷуд овардааст.

Рӯ овардани Пешвои миллат ба таърих ва корномаҳои симоҳои барҷастаи халқамон ба он хотир мебошад, ки ба ояндагон зарурати донистани гузаштаи худро талқин намоем ва онҳоро аз саҳифаҳои дурахшони миллат огоҳ созем. Ин амал, бешак, дар қалби насли наврас меҳру муҳаббат, садоқату вафодориро бедор намуда, ба онҳо аз ин таърихи пуршараф ифтихор кардanро ёд медиҳад.

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки кишвар эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор рафта, дар ин радиф, махсусан, бояд омӯхтани хотираи таърихӣ ва таҷрибаи гаронбаҳои гузаштагон доир ба ҳамзистии осоишта на танҳо ҳаммиллатон, балки намояндагони нажод ва динҳои мухталиф муҳим ба назар мерасад. Ба вуҷуд овардани ҷомеаи идеалие, ки ба он зулму истибдоди инсон аз ҷониби инсон бегона буда, афрод ҳамагӣ дар руҳияи инсондӯстиву рафоқат ва дур аз тафриқаандозиҳо басар мебарад.

Муҳаққиқони таърихи фалсафа ҳоло муътақид бар онанд, ки Аврупо на танҳо аз дастовардҳои илмии фалсафӣ, риёзӣ, нуҷум, кимиё, тиб, обёрӣ, муҳандисӣ ва техникии шарқӣ об хӯрдаанд, балки афкори инсондӯстона ва гуманистӣ, орои ба ҳамзистии осоишта ва озод аз низоҳои милливу мазҳабӣ ба Аврупо маҳз аз Шарқ буруз карда, сароғози давраи эҳё ва фалсафаи башаргарой гардида, илҳомбахшу поягузори мероси башардӯстона ва мафкураи осоиштаи ҷомеаи умумиинсонӣ мебошад.

Пешвои миллат дар китоби хеш «Чеҳраҳои мондагор» мефармоянд: «Акнун моро зарур аст, ки баҳри таҳкими ҳувияти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ, инчунин, чиҳати бедор намудани ғурури миллӣ дар зеҳни наврасону ҷавонон гузаштаи пуршебу фарози миллатро хотировар шавем ва аз корномаҳои дурахшони фарзандони халқи худ ҳар чи бештар насли имрӯзаро огаҳ намоем».

Аз ин нуктаи назар, агар ба таърихи афкори фалсафии тоҷик назар кунем, ошкор мегардад, ки ба мероси бою ғании сӯфиёна низ ин мавзуъҳо бегона нест. Аксаран дар зери парчамаш бехтарин мутафаккирони аз дину илм огоҳи замонаро муттаҳид мекард ва онҳо дар зери мафҳумҳои ирфонӣ озодфикрии хешро ифода кардаанд, меросе бокӣ мондаанд, ки пур аз андарзу насиҳатҳои муфид дар мавриди ба роҳи сулҳу мадоро ва ваҳдати миллат ҳидояткунандаи ҷомеа, барҳам додани ҳар гуна тафриқаандозиву мухолифатҷӯӣ байни миллат, мазҳаб ва нажодҳост. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ба мақому манзалати орифи шуридаи тоҷик Ҷалолиддини Балхӣ ва пири ӯ Шамсиддини Табрезӣ дар фарҳангу тамаддуни тоҷик аҳаммияти махсус дода, дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ҷой додаанд.

Агар ба осори Ҷалолиддини Балхӣ назар намоем, бо ду принсип ошно хоҳем шуд: яке ин, ки тамоми инсонҳо баробаранд ва танҳо аз чиҳати дараҷаи инкишофи ҷаҳони маънавии хеш фарқ мекунанд, дигаре, ягонагӣ, баробарии инсонҳо онҳоро ба ҳамдилӣ, ҳамбастагӣ, ба эҳтироми ҳамдигар ҳидоят мекунад, ки ин нукта асоси неруи ҷомеаи инсонӣ мешавад. Дар асоси ин принсипҳо Ҷалолиддини Балхӣ ҳар як инсонро ба омӯхтани ҷаҳони маънавии хеш ҳидоят мекунад ва мехоҳад, ки ӯ худ ва ҷомеаро муқоиса, ташхис ва такмил намояд. Омӯзиши меросу афкори ин мутафаккир, ки дар оғоз аз таҳлили танҳо ҷанбаҳои маъюсона ва соф ирфонии он оғоз шуда буд, ҳоло исбот кардааст, ки он як ниёиши бузурги инсон ва мақоми барҷастаи он дар олами ҳастӣ буда, бинобар ин, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун мунодии сулҳу инсонгароӣ шинохта шудааст. Исботи он дар соли 2024 аз ҷониби ЮНЕСКО ва бо ташаббуси Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арҷ гузоштани Ҷалолиддини Балхӣ дар Париж, ба феҳристи меъроси ҷаҳонӣ ворид гардидани «Маснавии маънавӣ»-и безаволи ӯ ба ҳисоб меравад.

Воқеияти таърихи инкишофи миллат ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш гардад, аз мероси он беҳтарин арзишҳо фаъолона тадқиқ ва мавриди истифода қарор ёфта, мероси ҳар як мутафаккир гиромӣ дошта шавад. Махсусан, ин мероси гаронбаҳо ҳангоми таҳияи роҳу равиши инкишофи маънавии ҷомеа ҳаматарафа бояд омӯхтаву татбиқ гардад.

Муҳиба МАҲМАДҶОНОВА,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

Ҷавонон неруи бузург ва ояндаи ҳар як миллату давлат ба шумор мераванд. Пешрафти ҷомеа, рушди иқтисодиёт, илму фарҳанг ва суботи кишвар аз донишу маърифат ва фаъолияти онҳо вобастагии зиёд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти махсус медиҳад. Бинобар ин, тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат, ватандӯст ва масъулиятшинос яке аз вазифаҳои муҳимми давлату ҷомеа мебошад.

Бо дарназардошти нақши муҳимми онҳо дар рушди иҷтимоиму иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, дар Тоҷикистон ҳамасола 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонон ҷашн гирифта мешавад.

Ҷавонон дар рушди илм, техника, маориф, фарҳанг ва варзиш саҳми назаррас мегузоранд. Имрӯз ҷавонони тоҷик дар озмунҳои байналмилалӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва корҳои илмӣ иштироки фаъолона дошта, обрӯи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд.



НЕРУИ СОЗАНДА

Дар Тоҷикистон барои дастгирии ин қишри ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонунҳо ва барномаҳои махсус барои ҷавонон қабул гардидаанд. Дар кишвар муассисаҳои таълимӣ, марказҳои ҷавонон ва иншооти варзишӣ сохта шудаанд.

Дар давоми солҳои истиқлол як қатор санадҳои муҳим оид ба сиёсати давлатии ҷавонон ба тавсиб расидааст, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (15 июли соли 2004, №52). Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишвар, соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли ҷавонон» эълон гардид. Гуфтан бамаврид аст, ки эълон гаштани соли 2017 «Соли ҷавонон» ба онҳо неруи тоза ва амалисозии имкониятҳои конститутсиониро қувват бахшид.

Дар ИДМ аввалин шуда Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии ҷавононро қабул кард. Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии рушди иҷтимоии ҷавонон» қабул шудааст. Аз 26 феврали соли 1998 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо созмон дода шуд. Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ доир ба корҳои намоён дар соҳаи илму техника барои олимони ҷавон таъсис ёфт.

Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шуд.

Ҳадафи сиёсати давлатии ҷавонон тарбияи насли солим, донишманд ва соҳибкасб мебошад. Давлат ҷавононро ба омӯзиши илм, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои нав ҳидоят менамояд.

Ватандӯстӣ яке аз хислатҳои муҳимми ҷавонон мебошад. Онҳо бояд таърихи халқи худро омӯзанд, арзишҳои миллӣ аз истиқлоли давлатиро ҳифз намоянд.

Дар ҷаҳони муосир бе дониш ва илм пешрафт кардан ғайриимкон аст. Ҷавонон бояд ба омӯзиши илм, техника, ва технологияҳои муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва такмили донишу малака ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҷомеа мавқеи арзандаро соҳиб гарданд.

Ҷавонон ояндаи миллат ва давомдиҳандаи роҳи насли калонсолон мебошанд. Пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистон ба фаъолияти ҷавонони босавод, соҳибкасб ва ватандӯст вобаста аст.

Ш. ХОЛОВА,
ходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Дар даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 2677 довталаб иштирок менамояд.

ИҚДОМ

ҶОИЗАИ ИФТИХОР ВА ЭЪТИБОР

(Дар ҳошияи таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб)

Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳадафи арҷгузорӣ ба хидматҳои ин фарзанди барӯманди миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ таъсис ёфт, ибтикори муҳим дар масири мусоидат ба рушди илми тиб дар Тоҷикистон ва саросари олам маҳсуб меёбад. Ин ҷоиза барои шинохти ҳарчи бештари манзалати маънавӣ ва касбии Ибни Сино дар ҷодаи табобат ва таъмини саломатии инсоният шароит фароҳам оварда, дигарбора собит месозад, ки миллати тоҷик дар таҳкими низоми илми ҷаҳонӣ, ба вижа, улуми табиатшиносӣ, тиб ва дақиқ саҳми бузург гузоштааст. Махсусан, аз он ки соҳаи тибби ҷаҳонӣ маҷмуи дастовардҳои хешро ба номи Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино нисбат медиҳад, ин шарафи бузург мояи ифтихор ва сарфарозии тамоми мардуми тоҷик ва меросбарони пири табибони олам ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ин ҷоиза ифтихори миллати тоҷик ва ҳам эътибори ҷаҳонии илми тоҷикону Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Аз рӯзгори Ибни Сино то айёми мо маълум аст, ки ӯ бунёди назарии соҳаи тибро тавассути таълифи асарҳое чун «Қонуни тиб», «Китоб-уш-шифо» ва монанди инҳо истеҳком бахшид, ки онҳо асос барои тадриси улуми табиатшиносӣ ва тиб дар марказҳои илмӣ ва донишгоҳҳои Аврупо ва татбиқи назариёти илмии Сино ва дигар донишмандони ин ришта дар амалияи табобат гардид. Дар тасдиқи ин нукта донишманди олмонӣ Макс Майерҳов фармудааст: ««Қонун»-и Ибни Сино то асри XVII дар донишгоҳҳои Аврупо китоби асосии омӯзиши тиб буд». Рамзи ифтихор ва сарфарозии мардуми тоҷик аст, ки олими тавонои дигари олмонӣ Бурхард Брентес бо шинохти хидматҳои бузурги ин фарзанди миллати мо таъкид доштааст: «Тоҷикон, дар мисоли Ибни Сино фарҳанги баландпояи халқҳои Осиёи Марказиро таҷассум намудаанд. Онҳо имрӯз низ мероси Ибни Синоро, ки дар тӯли ҳазор сол ба хираду ақли Аврупо таъсир дошт, оқилона ҳифз мекунанд».

Таълифоти Абуалӣ ибни Сино, ки бар пояи мундариҷа ва муҳтаво онро донишмандон дар чаҳор бахш: асарҳои доир ба ҳикмат, фалсафа ва ахлоқ ва мантиқ; асарҳо оид ба тиб; асарҳо доир ба илмҳои дақиқ; асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат қисмат кардаанд, дар асл, ба ду масир табобати ҷисмониву саломатии руҳониву маънавии инсон равона шуданд. Мусаллам аст, ки ӯ дар заминаи таҷрибаҳои соҳибшуда ва иншои бахши муҳимми осори хеш равишҳои муҳимми таъмини саломатии ҷисмонии инсонро муқаррар намуд ва бар асоси таълифоташ муваффақ шуд, ки бевосита, ҳамчун табиб барнамудан солимии ҳамзамононро хешро таъмин созад ва ин таҷрибаи вай то кунун дар бузуртарин марказҳои табобатии олам татбиқ мешавад. Афзун бар ин, чун яке аз бунёдгузорони насри фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҳикматӣ назариётеро ҳам матраҳ сохт, ки ҷавҳари онҳо ба такмилу таҷдиду саломатии маънавӣ ва низоми ахлоқии инсон равона шуданд. Ӯ дар таълифоташ маҷмуан бар ин натиҷа расидааст, ки табибон посбони ҷисму шоирону аҳли мусиқӣ нигаҳбони руҳи инсонанд. Бар ин асос, тавассути таълифоти пурдоманаи хеш Ибни Сино, воқеан, дар ҳар ду арсаи табобат тавфиқ ёфт ва ҳамчун табиб ва ҳам шоиру суханвару суханшинос назариётеро бунёд гузошт, ки барои солимии фикрӣ, ақлӣ, маънавӣ ва чисмонии ҷомеа равона шудаанд.

Тааллуқ гирифтани 240 асар ба қалами Ибни Сино, ки 33 адади онро ба забони модарии худ-тоҷикӣ навиштаааст, худ нишонаи бузургиву азамати маънавӣ ва қудрати зеҳнии ӯст, ки бештари ин осор ҳамон ҷодаи аслии ӯро дар ростои такмили маърифати тандурустӣ ва саломатии фикр, андешаву ахлоқ ва маънавиёт пайгирӣ намудаанд.

Дар канори ин, ҳарчанд соли 1984 ҳазорсолагии Абуалӣ ибни Сино дар Тоҷикистон бо қарори ЮНЕСКО таҷлил гардиду Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон номи ин абармарди роҳи илмро гирифт, замони Истиқлоли миллӣ аз баракоти ҳидоят ва раҳнамоиҳои Пешвои миллат ҷиҳати тақдир аз заҳамоту хадамоти ин фарзанди арҷманди халқи тоҷик тадбирҳои муҳим амалӣ гардид. Ноҳияе дар маркази шаҳри Душанбе номи Абуалӣ ибни Синоро гирифта, тасвири ин абармарди миллат дар пули коғазии миллии бист сомонӣ ҷой дода шуд. Чандин муассисаҳои тиббии тозатаъсиси ғайридавлатӣ низ номҳоеро ба худ гирифтанд, ки пайванд ба номи Сино доранд. Дар тақвими ҷашну идҳои миллии тоҷикӣ 18 август ҳамчун зодрӯзи ин абармарди бузурги таърихи миллат ворид гардида, ҳамасола рӯзи кормандони соҳаи тандурустӣ таҷлил карда мешавад.

Ҳарчанд тарҷума ва нашри осори комили Ибни Сино аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта шуруъ шуд ва таъсисёбии маркази Синошиносӣ ин равандро суръат бахшид, аммо муҳимтарин падидае, ки дар даврони Истиқлоли миллӣ дар муносибат ба Ибни Сино ба анҷом расид, ба сурати комил ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гардидани асари маъруф ва муътабари «Ал-Қонун-фи-т-тиб» мебошад. Тарҷума бо номи «Қонуни тиб» дар ҳаҷми 1536 саҳифа анҷом ёфта, ба қалами донишманди соҳибноми кишвар Саиднуриддин Шаҳобиддинов тааллуқ дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамин ҷанбаи муҳимми забонии осори фалсафии Ибни Синоро дар мисоли «Донишномаи Алоӣ» бо такя бар андешаҳои ховаршиноси маъруф Анри Массе дар китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» шарҳу баён доштаанд: «Гуфтан бамаврид аст, ки дар бобати назарияи истилоҳсозии Ибни Сино ба забони тоҷикӣ (форсӣ) дар заминаи «Донишномаи Алоӣ» чандин таҳқиқоти ҷолиб ба миён омадааст, аз ҷумла, синошиноси маъруф Анри Массе дар мақолаи ба ҳамин мавзуъ бахшидааш ба нуктаҳои асосии зерин ишора мекунад:

1. Ибни Сино хостааст бо имконот ва абзорҳое, ки забони тоҷикӣ дар ихтиёраш гузошта буд, «Донишнома»-ро бинависад.

2. Ӯ дар навиштан ба забони модарии хеш забардаст аст ва арабидонии ӯ дар насри тоҷикиаш таъсир надорад.


3. Аз ин китоб маълум мешавад, ки забони фалсафии тоҷикӣ тавоноиҳои бепоёне дорад.

4. Бисёре аз истилоҳоти тоҷикии ӯ аз муодили арабиашон рӯшантаранд (масалан: «бурҳони чаро» ба ҷойи «бурҳони нима»).

5. Вай ғолибан муодили арабии истилоҳоти тоҷикии худро овардааст.

6. Бархе аз истилоҳоти тоҷикӣ (форсӣ) бо истилоҳи арабӣ баробар нестанд (масалан: «андар расидан» ба ҷойи «тасаввур»).

Ҳамчунин, Анри Массе дар масъалаи нисбат додани он, ки ҳамаи ин истилоҳоти тоҷикии сохтаи завқи худи Ибни Синост, эҳтиёткор аст ва таъкид мекунад, ки пеш аз забони илм шудани арабӣ забони фалсафии паҳлавӣ ривоҷ дошт ва медонем, ки нахустин китоби мантиқ аз ҳамин забон ба арабӣ тарҷума шуд».



Бо такя бар чунин рисолати бузурги забони осори тоҷикӣ ва арабии Ибни Сино, метавонем бар ин нукта умед ҳам бубандем, ки дар раванди таъсиси Ҷоизаи байналмилалии ба номи Абуалӣ ибни Сино раванди пажуҳиши истилоҳоти тиббии тоҷикии осори дар ин бахш таълифнамудаи ӯ, бахусус, асари панҷҷилдаи «Қонуни тиб», таҳқиқу тавзеҳ ва дар заминаи он фарҳангномаи ҷадиди истилоҳоти тиббӣ ба вуҷуд хоҳад омад. Аз нигоҳи дигар, дар ин илми истилоҳотшиносӣ тамоюлҳои дигари ин самти фаъолияти фарзанди арҷманди миллати тоҷик дар иртибот ба улуми табиатшиносӣ, нучум, фалсафа, ҳикмат, мусиқӣ ва амсоли ин низ ба зуҳур хоҳад расид, чун дар ин ҷода, тавре аз таъкиди Пешвои миллат бармеояд, аллакай донишмандони ҷаҳон қадамҳои мустаҳкаму устуворе гузоштаанд.

Агарчи ҳанӯз соли 1967 дар худи Тоҷикистон Ҷоизаи миллии ба номи Абуалӣ ибни Сино дар ҷодаи илм таъсис ёфта буд, ки хидматҳои донишмандону олимони тамоми риштаҳоро тақдир менамуд ва барандагони ин ҷоиза ҳамеша аз соҳибияти он парчами тафохур меафрохтанд, таъсиси Ҷойзаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб баробари тақдир аз ин хидматҳои бузурги нобиғаи миллати мо барои рушди илми тибби олам ҷоизаи ифтихор ва эътибори миллати мо дар акси олам чун миллати тамаддунсоз, илмпарвар ва кашшофи дастовардҳои сатҳи ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Нуралӣ НУРЗОД,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

ХОНАНДАИ СОЛ

Омӯзиши бардавом натиҷабахш аст

Соли равон дар кишвар озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи сол» миёни хонандагони Тоҷикистон бо шавқу ҳаяҷони зиёд баргузор гардид. Мадина Саидализода-хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо ба даст овардани 94 хол соҳиби унвони фахрии «Хонандаи сол» гардид. Барои аҳли маорифи ин ноҳия дастоварди мазкур мояи ифтихор аст.

Лаҳзае, ки номи ӯ ҳамчун ғолиби озмун садо дод, барояш лаҳзаи тасвирнашуданӣ буд: «Аз хурсандии зиёд намедонистам чӣ кор кунам. Ашки шодӣ рехтам. Он ҳама заҳмату талошҳое, ки дар ин роҳ кашида будам, дар ҳамон як лаҳза пеши назарам омаданд»,-мегӯяд ӯ.

Роҳи расидан ба ин муваффақият барои Мадина осон набуд. Ӯ рӯзҳои омодагиро ба ёд меорад, ки озмун аз тамоми фанҳои таълимӣ иборат буд ва барои гирифтани натиҷаи баланд бояд пайваста китоб мехонд, тестҳо ҳал мекард, дарсҳои гузаштаро такрор мекард, нутқи гуфторӣ ва дониши худро такмил медод.

Дар паси ин пирӯзӣ, ба гуфтаи Мадина, заҳмати омӯзгорон ва дастгирии пайвастаи волидайн қарор дорад. Ба таъбири омӯзгораш Далер Бобоев, Мадина аз солҳои аввали таҳсил бо кунҷковӣ ва масъулиятшиносӣ аз ҳаммаслакони худ фарқ мекард, пайваста барои аз худ намудани мавзуъҳо ва донишҳои нав талош менамуд.

«Ҳар касе, ки хоҳиши дониш омӯхтан дошта бошад, метавонад дар ҳама шароит ба мақсад бирасад»,-бо боварӣ мегӯяд ғолиби озмун.

Мадина бештар ба фанҳои табиӣ ва дақиқ, аз ҷумла, химия, биология ва физика шавқ дорад,



зеро орзу дорад дар оянда табиби соҳибкасб гардад. Ӯ, ҳамзамон, дар озмуни квотаи Президентӣ пирӯз шуда, соҳиби номи пурифтихори донишҷӯӣ гардидааст ва ният дорад таҳсили худро дар Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино идома диҳад.

Дар нақшаҳои ояндаи ӯ иштирок дар озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» ва ба даст овардани дастовардҳои нав мебошад.

Айни замон Мадинаи ташнаи илму дониш бо модару бародараш зиндагӣ мекунад. Модараш ба ҳайси омӯзгор дар МТМУ №1-и ноҳия фаъолият мекунад.

Имрӯз Мадина барои садҳо хонандаи дигар, бахусус, наврасони деҳаҳои дурдаст намунаи ибрат шудааст, зеро фатҳи қуллаҳои дониш аз кӯшишу талош сарчашма мегирад.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

Ассотсиатсияи миллии сайёҳии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо мардуми нек бад намебояд буд,
Дар бодия деву дад намебояд буд.
Ҳофизи Шерозӣ

ТАҲЛИЛ ВА ПЕШНИҲОД

Маҷлиси падару модарон – омили таҳкими ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи насли соҳибмаърифат

МУҚАДДИМА

Дар тамоми давраҳои таърих масъалаи тарбияи фарзанд аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Ҳар миллате, ки ба тарбияи насли худ бо эҳсоси масъулият муносибат кардааст, тавонистааст арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва маънавии хешро ҳифз намуда, барои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа заминаи устувор фароҳам оварад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки сарнавишти миллатҳо бештар ба сифати тарбияи насли наврас вобаста мебошад. Агар ҷомеа соҳиби ҷавонони донишманд, худшинос, масъулиятшинос ва ватандӯст бошад, рушди тамоми соҳаҳои он низ таъмин мегардад.

Дар шароити муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон таъсир мерасонанд, масъалаи таълиму тарбия аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ, густариши шабакаҳои иҷтимоӣ, афзоиши таъсири фарҳангҳои гуногун ва ба вуҷуд омадани шаклҳои нави таҳдидҳои маънавию идеологӣ аз ҳар як падару модар, омӯзгор ва масъули соҳаи маориф тақозо менамояд, ки ба масъалаи тарбияи фарзанд бо диди нав муносибат намоянд.

Дар чунин шароит нақши ҳамкории мактаб ва оила бештар аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад. Муассисаи таълимӣ метавонад ба хонанда дониш омӯзонад, ҷаҳонбинии илмии ӯро ташаккул диҳад ва малакаҳои зарурии зиндагиро дар ӯ парвариш намояд, вале таъсири муҳити оилавӣ дар ташаккули шахсият ҳамеша мақоми хос дорад. Кӯдак қисми зиёди умри худро дар муҳити оила сипарӣ мекунад. Аввалин дарсҳои ахлоқ, одоб, муносибат ба инсон, эҳтиром ба бузургон, меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносӣ маҳз дар ҳамин муҳит омӯзонда мешаванд.

Бо ҳамин сабаб, яке аз шаклҳои муҳимтарини ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ маҷлиси падару модарон ба ҳисоб меравад. Ин чорабинӣ дар тӯли солҳои зиёд ҳамчун воситаи муошарати мустақими омӯзгорон ва волидон хидмат карда, барои ҳамоҳанг сохтани фаъолияти тарбиявӣ мусоидат намудааст. Агар дар гузашта маҷлиси падару модарон бештар хусусияти иттилоотӣ дошта бошад, имрӯз он ба як майдони муҳимми муҳокимаи масъалаҳои таълиму тарбия, пешгирии мушкилоти иҷтимоӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ ва таҳкими масъулияти шахрвандӣ табдил ёфтааст.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон низ масъалаи ҳамкории оила ва мактаб ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бори дигар собит намуд, ки тарбияи фарзанд вазифаи муштараки оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Маҳз ҳамин ҳамкории созанда метавонад барои ташаккули инсони комил ва шахрванди худшинос заминаи мусоид фароҳам оварад.

МАҶЛИСИ ПАДАРУ МОДАРОН ҲАМЧУН ҶУЗЪИ МУҲИММИ НИЗОМИ ТАРБИЯ

Ҳар як низоми самараноки таълиму тарбия ба ҳамоҳангии фаъолияти ҳамаи субъектҳои он ниёз дорад. Дар ин раванд, оила, мактаб ва ҷомеа се унсури асосӣ ба шумор мераванд. Агар яке аз ин ҳалқаҳо заиф гардад, натиҷаи тарбия низ коҳиш меёбад.

Дар таҷрибаи педагогӣ маҷлиси падару модарон ҳамчун воситаи пайваст намудани фаъолияти оила ва муассисаи таълимӣ шакл гирифтааст. Мақсади асосии он, фароҳам овардани имконияти мубодилаи афкор, баррасии масъалаҳои таълиму тарбия ва муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад.



Мутаассифона, баъзан нисбат ба маҷлиси падару модарон муносибати сода мушоҳида мешавад. Баъзеҳо онро танҳо ҳамчун воситаи расонидани маълумот дар бораи сатҳи дониш ва интизоми хонандагон арзёбӣ мекунанд. Дар асл, аҳаммияти ин чорабинӣ хеле фарохтар аст. Дар ҷараёни чунин вохӯриҳо масъалаҳои вобаста ба тарбияи ахлоқӣ, фарҳанги муошират, муносибати фарзандон ба китоб, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ҳифзи саломатӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар масъалаҳои муҳим баррасӣ мегарданд.

Маҳз тавассути чунин вохӯриҳо омӯзгор метавонад дар бораи муҳити оилавии хонанда маълумоти бештар пайдо намояд ва волидон низ аз вазъи таълим, рафтор ва хусусиятҳои равонии фарзанди худ огоҳ гарданд. Дар натиҷа фазои ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд омада, барои ҳалли мушкилоти эҳтимолӣ имкониятҳои бештар фароҳам меоянд.

ОИЛА ВА МАКТАБ: ДУ МУҲИТИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

Тарбияи фарзанд раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Ин раванд аз рӯзҳои аввали зиндагии инсон оғоз гардида, то давраи камолоти шахсӣ идома меёбад. Дар тамоми ин муддат кӯдак зери таъсири муҳитҳои гуногун қарор мегирад, вале нақши оила ва мактаб аз ҳама бештар эҳсос мешавад.

Оила аввалин мактаби зиндагӣ мебошад. Дар ҳамин ҷо кӯдак гуфтор, рафтор, муносибат ба дигарон, фарҳанги муошират ва меъёрҳои ахлоқиро меомӯзад. Муҳаббат ба падару модар, эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ нисбат ба хурдсолон, меҳнатдӯстӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ маҳз дар муҳити оила ташаккул меёбанд.

Мактаб бошад, доираи ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ намуда, ӯро ба ҳаёти мустақилона омода месозад. Омӯзгорон дар баробари таълим, вазифаи муҳимми тарбияро низ иҷро мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат байни фаъолияти оила ва мактаб бояд ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошад.

Агар дар хона ба фарзанд эҳтиром ба дониш омӯзонда шавад, дар мактаб низ ӯ ба таҳсил муносибати ҷиддӣ хоҳад дошт. Агар волидон арзишҳои миллӣ ва ахлоқиро эҳтиром намоянд, фарзанд низ онҳоро қабул мекунад. Агар байни талаботи мактаб ва муҳити оилавӣ ихтилоф ба вуҷуд ояд, кӯдак ба мушкилоти равонӣ ва ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Маҷлиси падару модарон барои аз байн бурдани чунин ихтилофҳо ва таъмини ягонагии талабот нақши ҳалкунандаро иҷро мекунад.

НАҚШИ МАҶЛИСИ ПАДАРУ МОДАРОН ДАР ТАРҒИБИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Дар даврони истиқлол масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ин масъала, пеш аз ҳама, ба соҳаи маориф вобастагӣ дорад, зеро маҳз мактаб дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шуури шахрвандии насли наврас саҳми муассир мегузорад.

Маҷлиси падару модарон дар ин самт имкониятҳои фаровон дорад. Дар чунин вохӯриҳо масъалаҳои марбут ба забони давлатӣ, таърихи миллат, фарҳанги миллӣ, расму оинҳо, эҳтироми муқаддасоти миллӣ ва дигар арзишҳои маънавӣ мавриди муҳокима қарор мегиранд.

Таърих гувоҳ аст, миллатҳое тавонистаанд ҳастии худро ҳифз намоянд, ки ба масъалаи тарбияи фарзанд дар руҳияи худшиносӣ аҳаммияти ҷиддӣ додаанд. Худшиносӣ аз оила оғоз ва дар мактаб такомул меёбад. Вақте ки падару модар ва омӯзгор дар як самт фаъолият мекунанд, натиҷаи тарбия низ муассир мегардад.

Имрӯз масъалаи фарҳанги либоспӯшӣ, фарҳанги истифодаи забон, муносибат ба мероси таърихӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ ва дигар арзишҳои миллӣ ба мавзуи муҳимми маҷлисҳои падару модарон табдил ёфтааст. Муҳокимаи пайвастаи чунин масъалаҳо ба баланд гардидани масъулияти волидон мусоидат мекунад.

ПЕШГИРИИ ТАҲДИДҲОИ МУОСИР ТАВАССУТИ ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МАКТАБ

Ҷомеаи муосир дар баробари дастовардҳои зиёд, бо мушкилот ва таҳдидҳои гуногун низ рӯ ба рӯ мебошад. Густариши шабакаҳои иҷтимоӣ, паҳншавии иттилооти носолим, ифротгароӣ, хурофотпарастӣ, ҷиноятҳкории ноболиғон ва дигар падидаҳои манфӣ ба раванди тарбия таъсири муайян мерасонанд.

Барои муқовимат ба чунин таҳдидҳо танҳо кӯшиши мактаб кофӣ набуда, иштироки фаъолонаи волидон низ зарур мебошад. Маҷлиси падару модарон дар ин самт нақши муҳим мебозад.

Дар чунин вохӯриҳо омӯзгорон метавонанд волидонро бо таҳдидҳои мавҷуда шинос намоянд, роҳҳои муҳофизати фарзандонро тавзеҳ диҳанд ва оид ба истифодаи дурусти интернет маслиҳатҳои муфид пешниҳод кунанд.

Имрӯз қисми зиёди вақти наврасон дар фазои рақамӣ мегузарад. Агар волидон аз фаъолияти фарзандон дар интернет бехабар бошанд, эҳтимоли таъсирпазирии онҳо аз ғояҳои бегона бештар мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат, баланд бардоштани маърифати рақамии волидон ба яке аз вазифаҳои муҳимми маҷлисҳои падару модарон бояд табдил ёбад.

ОМӮЗГОР ҲАМЧУН РОҲНАМОИ ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МАКТАБ

Дар низоми ҳамкории мактаб ва оила нақши омӯзгор хеле муҳим мебошад. Ӯ шахсест, ки ҳар рӯз бо хонандагон кор мекунад, хусусиятҳои равонӣ ва рафтории онҳоро мушоҳида менамояд ва метавонад тағйиротро зудтар эҳсос кунад.

Муваффақияти маҷлиси падару модарон низ бештар ба маҳорати омӯзгор вобаста аст. Агар вохӯрӣ бо эҳтиром, фарҳанги муоширати баланд ва руҳияи ҳамкорӣ баргузор гардад, волидон низ ба он бо масъулият муносибат мекунанд.

Омӯзгори муосир бояд тавонад байни мактаб ва оила пули боэътимоди ҳамкорӣ бунёд намояд. Ӯ бояд волидонро шарики раванди таълиму тарбия ҳисобида, барои ҷалби онҳо ба корҳои мактаб пайваста кӯшиш намояд.

Таҷрибаи муассисаҳои пешқадам нишон медиҳад, ки ҳар қадар сатҳи ҳамкории омӯзгор ва волидон баланд бошад, натиҷаҳои таълимӣ ва тарбиявии хонандагон ҳамон қадар беҳтар мегардад.

ҶАЛБИ ВОЛИДОН БА КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ ВА РУШДИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти маҷлисҳои падару модарон, ҷалби волидон ба корҳои ҷамъиятӣ ва созандагӣ мебошад. Мактаб муассисаи ҷудогона аз ҷомеа нест. Он дар муҳити иҷтимоӣ фаъолият мекунад ва рушди он аз дастгирии ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

Дар солҳои истиқлол дар бисёр муассисаҳои таълимии мамлакат бо иштироки фаъолонаи падару модарон корҳои назарраси ободонӣ анҷом дода шудаанд. Бунёди синфхонаҳои иловагӣ, таъмири биноҳо, кабудизоркунӣ, таҷҳизонидани синфҳо ва саҳмгузорӣ дар баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ намунаи чунин ҳамкорӣ мебошанд.

Иштироки волидон дар ҳаёти мактаб эҳсоси масъулияти онҳоро нисбат ба таълиму тарбияи фарзандон тақвият мебахшад. Ҳамзамон, дар зеҳни хонандагон низ эҳтиром ба муассисаи таълимӣ ва моликияти ҷамъиятӣ ташаккул меёбад.

МУНОСИБАТИ ХУНУКНАЗАРОНАИ БАРХЕ ВОЛИДОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА РАВАНДИ ТАРБИЯ

Бо вуҷуди аҳаммияти бузурги маҷлиси падару модарон, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол қисми муайяни волидон ба чунин чорабиниҳо бо масъулияти зарурӣ муносибат намекунанд. Дар бисёр ҳолатҳо падару модарон маҷлиси падару модаронро ҳамчун як чорабинии маъмурӣ қабул намуда, аҳаммияти воқеии онро дарк намесозанд.

Баъзе волидон, умуман, дар маҷлисҳо иштирок намекунанд. Гурӯҳи дигар танҳо барои сабти ҳузур омада, пас аз анҷоми ҷаласа бидуни баёни андеша ё пешниҳоди мушаххас мактабро тарк мекунанд. Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки падару модарон тамоми масъулияти таълиму тарбияи фарзандро ба зиммаи омӯзгор мегузоранд ва худро аз ин раванд канор мегиранд.

Чунин муносибат оқибатҳои манфӣ дорад. Вақте ки волидон аз муҳити таълимии фарзанди худ дур мемонанд, онҳо аз мушкилот, пешрафт, тағйироти ахлоқӣ ва равонии ӯ сари вақт огоҳ

Дар шаҳри Душанбе конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Осиёи Марказӣ – меҳвари СҲШ: фазои сулҳ ва рушди муштарак» баргузор шуд.

намешаванд. Дар натиҷа баъзе масъалаҳое, ки метавонистанд дар марҳалаи аввал ҳал шаванд, ба мушкилоти ҷиддӣ мубаддал мегарданд.

Аз нуқтаи назари педагогика, тарбия танҳо дар сурате самарабахш мешавад, ки миёни талаботи оила ва мактаб ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошад. Бе иштироки фаъолонаи волидон ба даст овардани чунин ҳамоҳангӣ душвор аст.

Яке аз мушкилоти дигар он аст, ки дар баъзе муассисаҳои таълимӣ маҷлиси падару модарон бештар ба муҳокимаи натиҷаҳои чоряк, баҳоҳо ва интизоми хонандагон маҳдуд мешавад. Албатта, натиҷаҳои таҳсил аҳаммияти калон доранд, вале вазифаи маҷлис танҳо аз ин иборат нест.

Дар шароити муосир масъалаҳои тарбия аз масъалаҳои таълимӣ аҳаммияти камтар надоранд. Ҷомеаи имрӯз бо таҳдидҳое рӯ ба рӯ шудааст, ки баъзан ба ояндаи ҷавонон таъсири бештар аз сатҳи дониш мерасонанд. Аз ҳамин ҷиҳат, маҷлиси падару модарон бояд ба минбари муҳокимаи масъалаҳои ҳаётӣ ва сарнавиштсози тарбия табдил ёбад.

Дар чунин вохӯриҳо бояд масъалаҳои муносибати фарзандон ба китобхонӣ, фарҳанги истифодаи интернет, муносибат ба калонсолон, эҳтироми арзишҳои миллӣ, риояи одоби муошират ва дигар мавзуъҳои муҳимми тарбиявӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Ҳадафи асосӣ аз чунин чорабиниҳо набояд танҳо муайян намудани хонандаи аълохон ё сустхон бошад. Ҳадаф бояд ташаккули шахсияти солим, донишманд ва дорои ҷаҳонбинии миллӣ бошад, зеро яке аз вазифаҳои муҳимми мактаб ва оила ҳифзи ҷавонон аз таъсири ғояҳои ифротӣ ва падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҷавононе бештар осебпазир мешаванд, ки миёни онҳо, оила ва муассисаи таълимӣ робитаи мустаҳкам вуҷуд надорад.

Дар шароити кунунӣ омӯзгорон бояд аз имкониятҳои маҷлиси падару модарон барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии волидон самаранок истифода намоянд.

Дар ҷараёни чунин вохӯриҳо зарур аст, ки масъалаҳои зерин пайваста мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд: пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва ташкилотҳои мамнуъ; ҳифзи ҷавонон аз таблиғоти харобиовар дар фазои маҷозӣ; муқовимат ба хурофотпарастӣ ва таассуб; тарғиби тафаккури илмӣ; эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва давлатӣ; баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ.

Маҳз дар чунин мулоқотҳо волидон метавонанд аз таҳдидҳои воқеӣ огоҳ шуда, барои ҳифзи фарзандони худ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

ТАҚЛИД БА ФАРҲАНГИ БЕГОНА ВА МАСЪУЛИЯТИ МУШТАРАКИ МАКТАБУ ОИЛА

Дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсири фарҳангҳои гуногун ба ҷавонон рӯз ба рӯз меафзояд. Ин раванд дар баробари паҳлуҳои мусбат метавонад оқибатҳои манфӣ низ дошта бошад. Яке аз масъалаҳои нигаронкунанда тақлидкорӣ ба баъзе унсурҳои фарҳанги бегона мебошад, ки баъзан бо арзишҳо ва суннатҳои миллии мо созгор нестанд.

Ин масъала, пеш аз ҳама, дар тарзи либоспӯшӣ, фарҳанги муошират, истифодаи забон ва муносибат ба арзишҳои миллӣ зоҳир мешавад. Агар ҷавонон аз таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии худ огоҳии кофӣ надошта бошанд, эҳтимоли таъсирпазирии онҳо бештар мегардад.

Аз ҳамин рӯ, омӯзгорон бояд дар маҷлисҳои падару модарон пайваста ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, эҳтироми фарҳанги миллӣ, риояи одоби либоспӯшӣ ва ҳифзи арзишҳои маънавӣ таваҷҷуҳ намоянд. Дар ин самт нақши волидон низ ҳалкунанда мебошад, зеро намунаи аввалини рафтор ва фарҳанг барои фарзанд маҳз муҳити оила мебошад.

Дар баробари ин, яке аз масъалаҳои дигаре, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, густариши баъзе андешаҳои хурофотӣ дар ҷомеа мебошад. Хурофот инсонро аз дониш, тафаккури илмӣ ва таҳлили воқеият дур месозад. Ҷомеае, ки мехоҳад пешрафта бошад, бояд ба илм, дониш ва маърифат такя кунад.

Муассисаҳои таълимӣ макони асосии маърифат ба ҳисоб мераванд. Аз ҳамин сабаб, дар маҷлисҳои падару модарон масъалаҳои баланд бардоштани маърифати илмӣ, тарғиби донишҳои муосир ва муболиза бо хурофот бояд пайваста баррасӣ шаванд.

Ин масъала, махсусан, барои тарбияи насли ҷавон аҳаммияти калон дорад, зеро ҷавонони дорои ҷаҳонбинии илмӣ нисбат ба таъсири ақидаҳои ифротӣ ва хурофотӣ муқовимати бештар доранд.

МАҶЛИСИ ПАДАРУ МОДАРОН ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Давлат барои рушди низоми таълим, баланд бардоштани сифати дониш ва такмили заминаҳои моддию техникӣ тадбирҳои пайваста меандешад.

Барои татбиқи самараноки ин сиёсат зарур аст, ки аҳолӣ, бахусус, волидон, аз ҳадафҳо ва барномаҳои давлатӣ огоҳ бошанд. Маҷлиси падару модарон дар ин самт нақши муҳим дорад.

Маҳз тавассути чунин вохӯриҳо муҳтавои қонунҳо, барномаҳои давлатӣ, ташаббусҳои нав ва дигар санадҳои муҳимми соҳаи маориф ба волидон фаҳмонида мешаванд. Ин кор ба таҳкими робитаи байни ҷомеа ва низоми маориф мусоидат менамояд.

Тағйироти ҷомеаи муосир тақозо мекунад, ки фаъолияти маҷлисҳои падару модарон низ такмил дода шавад. Имрӯз зарур аст, ки чунин вохӯриҳо аз доираи муҳокимаи баҳо ва интизом берун бароянд.

Масъалаҳои равоншиносӣ, муносибатҳои оилавӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, ҳифзи саломатӣ, маърифати ҳуқуқӣ, маърифати рақамӣ ва дигар мавзуъҳои муҳим бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд.

Ҳадафи асосӣ ташаккули фарҳанги шарикии иҷтимоӣ мебошад. Вақте ки волидон худро иштирокчии фаъоли ҳаёти мактаб эҳсос мекунанд, сифати ҳамкорӣ низ боло меравад. Дар чунин шароит тарбияи фарзанд ба раванди муштараки ҳамаи тарафҳо табдил меёбад.

Дар зимн, набояд фаромӯш кард, ки дар раванди ин гуна маҷлисҳо аз иштироки хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуривӣ, хусусан, озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» низ бояд як навъ натиҷагирӣ карда шавад. Ин озмунҳо бо ташаббусу ибтикороти бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудааст ва агар яке аз ҳадафҳои онҳо дарёфти чеҳраҳои нави суханвару эҷодкор бошад, ҳадафи дигар, рӯй овардан ба мутолиа ва тарғиби фарҳанги китобхонӣ мебошад. Омӯзгор дар ин раванд, бояд зимни сухбатҳо тавре масъалагузорӣ кунад, ки пеш аз ҳама, худи волидон ба китобу китобхонӣ рӯй оранд.

ХУЛОСА

Тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст ва худшинос аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин вазифа бе ҳамкории муассири оила ва мактаб имконнопазир аст. Маҷлиси падару модарон дар ин раванд мақоми муҳим дошта, барои муттаҳид сохтани неруҳои тарбиявии ҷомеа мусоидат мекунад.

Тавассути чунин вохӯриҳо масъулияти волидон баланд мегардад, робитаи онҳо бо муассисаи таълимӣ таҳким меёбад, арзишҳои миллӣ тарғиб мешаванд ва имконият барои пешгирии мушкилоти иҷтимоӣ фароҳам меояд. Ҳамзамон, маҷлиси падару модарон ба майдони мубодилаи таҷриба, муҳокимаи масъалаҳои мубрами тарбия ва таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ байни омӯзгорону волидон табдил меёбад.

Ояндаи ҳар миллат аз сатҳу сифати тарбияи фарзандонаш вобаста аст. Вақте ки оила ва мактаб бо масъулияти муштарак фаъолият мекунанд, замина барои ташаккули насли донишманд, бофарҳанг, худогоҳ ва содиқ ба манфиатҳои миллӣ фароҳам меояд. Маҳз ҳамин ҳадаф бояд дар меҳвари фаъолияти ҳар як маҷлиси падару модарон қарор дошта бошад.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

ОМӮЗИШ ВА САЁҲАТ

Таҷрибаомӯзӣ самар медиҳад

ТАГОБ

Табиати кӯҳсори Тоҷикистон беҳтарин панорама ва барои сайёҳӣ беминнат мебошад. Чун аз минтақаи Чорбоғ мегузаред, аллакай табиати дилфиреб шуморо пешвоз мегирад. Соат 11 аст ва офтоби тобистон бе дареғ нур мепошид.

Чун торафт боло меравед, дараи овозадори Варзоб бо насими дарёи хурӯшон гармиҳоро аз ёди шумо мебарад.


Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Донишгоҳи миллӣ берун аз пойтахт дар чанд минтақа давом ва имсол он бо чанд омил ҷараёни хос дорад.

Ҳамроҳи мудири шуъбаи таҷрибаомӯзии донишгоҳ Гулрухсор Алиева, намояндагони шуъбаи таълим Ҳадятулло Афзалов, Маъруф Давлатов ва Сайфиддин Шарифзода бо дастури ректори донишгоҳ барои хабаргирӣ аз вазъи таҷрибаомӯзон ба Тагоб ва Зидеҳ рафтем.

Пойгоҳи таҷрибаомӯзиро чун як боғчаи сарсабзу хуррам дарёфтем.

Воқеан, муҳити ин ҷо диққатрабост. Хонаҳои хоби донишҷӯён рангу бор шудаанд. Табиати зиндаву воқеӣ дар ин макон беш аз 130 нафар донишҷӯи факултетҳои биологияву фарматсевтро дар оғуши худ фаро гирифтааст.

Дар саҳни лагер 5-6 нафар ҷавон ба кори худ машғул мебошанд. Маълум гардид, ки онҳо навбатдор мебошанд ва бояд барои беш аз сад нафар шарикдарсонашон хӯроки нисфирӯзӣ омода намоянд.



Ду-се нафар духтарон болои кат сабзӣ реза менамоянд. Як чавонписари қобили дигар бо номи Фарид дар деги калон зирбаки ошро тайёр дорад. Ҷавони дигар ҳезум омода кардаву дар самовор чой мечӯшонанд.

Ба атроф менигарам. Аз паҳлуи пойгоҳ, аз дарёча он тараф роҳи мошингарди Сафеддара қарор дорад, ки 6-7 километр болотар аз ин ҷо воқеъ аст. Дар гирду атрофи пойгоҳ дараи Гирдак, Ғурқурут, деҳаи Зӯманд, ҷангали Гургак, Сари Шара қарор дорад. Чун ба қуллаҳои баланди он мерасед, аз он баландӣ мавзеи Ромитро дидан мумкин аст.

Майдончаи варзишӣ дар лаби дарё, ки тақрибан дар 10 метр пастӣ аз саҳни лагер қарор дошт, бароям ҷолиб намуд. Онро имсол бо тавсияи раёсати донишгоҳ аз хасу хору санг тоза кардаанд. Вақтҳои фориғ бачаҳо онҷо ҳар гуна бозиҳо мегузаронанд.

Диққатамро чорсутуни (шипанг, чавкандӣ) миёни лагер ҷалб намуд. Онро имсол раёсати донишгоҳ барои ҷойи хӯрокхӯрӣ ва суҳбату маҳфилҳо омода кардааст, ки 15 метр дарозӣ ва 7 метр паҳно дорад.

Дар чанд нуқтаи пойгоҳи таҷрибаомӯзӣ аз ҷумакҳо оби чашма мерезад. Чашма Хохма ном доштааст. Оби хеле сарду ширин дорад. Коменданти лагер Саидакрам қайд кард, ки ин ҷо хеле солҳо рӯйи таъмирро надида буд ва имсол шакли зоҳирии он хеле тағйир ёфтааст.

Аҷобати пойгоҳ он аст, ки он дар домани соярӯи кӯҳ (нишра) ҷойгир мебошад. Агар имшабу рӯз, масалан, дар Душанбеву Ҳисор алафҳо зардранг бошад, ин ҷо хаёл мекунем, акнун баҳор шудааст.

Директори лагер Саидакрам Меликов мебошад. Бисёр марди ботамкину кушодачеҳра аст ва ҳар лаҳза дар ин гӯшаву он гӯшаи пойгоҳ ҳозиру нозир аст. Дар ҳақиқат, масъулият дорад ва ӯ беш аз ҳама барои бехатарии ҳаёти фарзандони мардум фикр мекунад.

Агар аз як ҷониб, дар ин мавзеъ донишҷӯён амалияи касбро фаҳманд, аз ҷониби дигар, ваҳдату дӯстии онҳо бештар мегардад.

Пойгоҳи мазкур 1,6 га замин дорад. Арча, дӯлона, олуча, гелос, зардолу, бодом, шафтолу, нок себ, арар, фарк ва ғайра аз ниҳолону дарахтоне мебошанд, ки дар ин ҳудуд месабзанд.

Соат аз 12 гузашт. Оҳиста-оҳиста донишҷӯён аз домани кӯҳҳои баланд бармегарданд, ки дар даставон гулу гиёҳҳоро мебинед. Аз онҳо мепурсам, ки чӣ медиҳад, ба шумо ин таҷрибаомӯзӣ?

Аксари онҳо мегӯянд, ки мо аввалин бор ин гулу гиёҳҳоро мебинем. Бисёрашонро намешиносем ва аз муаллимон номи онро мепурсем. Ранг, бӯй, шакли онро бо диққат аҳаммият медиҳем. Номи пудина, ҷамилак, райҳон, анзур, зира ва даҳҳо алафу гиёҳҳоро мегиранд.

ЗИДДЕҲ

Хеле роҳ меравем. Дар назди лагер моро роҳбарони таҷрибаомӯзӣ пешвоз гирифтанд.

Умедҷон Ёров мудири пойгоҳ мебошад. Ин пойгоҳ 1,2 га замин дорад. Ҷойи хобу будубоши донишҷӯён таъмир ва хеле зебо гардонида шудааст.

Имсол бо тасмими ректори донишгоҳ, барои онҳо ҷойи алоҳидаи хӯрокпазиву тановули хӯрок омода карда шудааст.

8 утоқи хобу қароргоҳи таҷрибаомӯзон бо шароиту имкониятҳо таъмин аст. Ҷолиб он аст, ки пойгоҳ рӯ ба рӯйи кӯҳи Яхрӯд қарор гирифтааст ва хеле зебо мебошад.

Таҷрибаомӯзон дар ин макон ҷинсҳои кӯҳӣ, рангу шакли онҳо, сангу хок, ҳар гуна минералҳо, сахтиву ковокии замин, конҳои гуногун, канданиҳои фоиданок ва амсоли инро меомӯзанд. Онҳо ҳамарӯза аз рӯйи хатсайрҳо ба кӯҳҳои гирду атроф мераванд.

Дар Зидеҳ ҳама донишҷӯёнисарон мебошанд. 80 ҷойи хоб барои онҳо омода карда шудааст.

Воқеан, чун аз наздик ҳамаи инро мушоҳида менамоем, хулосаву бардошт дигар мешавад. Раёсати донишгоҳ, махсусан, ректор Эмомалӣ Насриддинзода имсол аз ҳама лиҳоз ба таҷрибаомӯзиҳо шаклу шеваи нав бахшид.

Бахтиёр ҲОШИМЗОДА,
декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Байни Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва IREX ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

Зи сеҳри ғамзаи фаттони хеш ғарра мабош,
Ки озмудам суде надошт мағрурӣ.
Ҳофизи Шерозӣ

ФАРОҒАТ

Таътили тобистона – заминаи рушди маънавӣ ва ҷисмонии хонандагон

Бо ҷамъбасти соли хониш таътили тобистона огоз мегардад, ки барои хонандагон имконияти муҳим ҷиҳати истироҳат, такмили дониш ва густариши ҷаҳонбинӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра хонандагон метавонанд, аз як тараф, дар истироҳатгоҳҳо фароғат намоянд ва аз ҷониби дигар, сатҳи дониш, малака ва ҷаҳонбинии худро боз ҳам тақвият бахшанд.



Тибқи нақшаи тасдиқгардида, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 аз 2 то 10 июни соли 2026, аттестатсияи хатми хонандагони синфи 9 аз 2 то 15 июни соли 2026 ва аттестатсияи хатми хонандагони синфҳои 11 аз 2 то 20 июни соли 2026 баргузор мегардад. Баъди анҷоми имтиҳонҳо, аз 20 июни соли ҷорӣ ҳамаи хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба таътили тобистона мебароянд.

Зарур аст, ки раванди баргузории таътили тобистона ба таври самаранок ба роҳ монда шавад, то хонандагон дар ин давра ҳам истироҳат дошта бошанд ва ҳам барои такмили донишҳои худ имконият пайдо намоянд. Дар ин замина, иштироки фаъоли тамоми сохторҳо ва ниҳодҳои дахлдор муҳим мебошад, то барои рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии насли наврас шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ташкили фароғати хонандагон дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ, дар назди муассисаҳои таълимӣ низ истироҳатгоҳҳои тобистона фаъолият хоҳанд кард, ки ба фарогирии ҳар чи бештари хонандагон мусоидат менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки таътили тобистона тӯлонитарин давраи истироҳати хонандагон буда, беш аз ду моҳро дар бар мегирад. Ин фосилаи вақт барои барқарор намудани неруи ҷисмонӣ, маънавӣ, рушди қобилиятҳо, мутолиаи китобҳои бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, омӯзиши малакаҳои нав ва омодагӣ ба соли нави таҳсил имконияти мусоид фароҳам меорад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташкили самараноки таътили тобистонаи хонандагон тамоми тадбирҳои зарурироро роҳандозӣ намудааст. Дар баробари ин, саҳми падару модарон низ дар ин раванд бисёр муҳим мебошад. Танҳо бо ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа метавон барои истироҳати пурсамар, бехатар ва судманди хонандагон шароити мусоид муҳайё намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ дар муҳити сабзу хуррам, фазои ором осуда ва шароити мусоиди экологӣ ҷойгир буда, барои истироҳат, машғулиятҳои таълимӣ ва варзишии хонандагон тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар ин маконҳо хонандагон метавонанд ба бозиҳои варзишӣ машғул гардида, дар маҳфилҳои эҷодӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва саёҳатҳои омӯзишӣ иштирок намоянд. Дар баробари ин, дар давраи таътили тобистона марказҳои таҳсилоти иловагӣ фаъолияти худро густариш дода, барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, илмӣ ва техникии хонандагон шароити мусоид муҳайё месозанд. Дар марказҳои мазкур маҳфилҳои гуногун аз рӯйи самтҳои мухталиф ташкил карда мешаванд, ки хонандагон метавонанд мувофиқи шавқу рағбат ва истеъдоди худ дар онҳо иштирок намоянд.

Ҳамчунин, яке аз тадбирҳои муҳимме, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон роҳандозӣ гардидааст, таҳияи рӯйхати тавсиявии китобҳои бадеӣ вобаста ба синну соли хонандагон мебошад. Ин китобҳо барои мутолиа дар давраи таътили тобистона пешниҳод гардида, ба баланд бардоштани маърифат, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги китобхонии онҳо мусоидат менамоянд.

Дар истироҳатгоҳҳо низ китобхонаҳо фаъолият намуда, хонандагон метавонанд адабиёти гуногунро мутолиа намоянд. Бо рушди технологияҳои муосир ва рақамикунонии соҳаи китобдорӣ, дастрасӣ ба китобҳои электронӣ низ васеъ гардидааст. Имрӯз асарҳои бадеӣ ва илмӣ дар шакли электронӣ барои хонандагон дастрас буда, онҳо метавонанд аз захираҳои интернетӣ ва платформаҳои гуногун, аз қабили «Китобдӯст» ва «www.marifat.tj» самаранок истифода намоянд.

Мусаллам аст, ки дар давраи таътили тобистона баргузории озмунҳои гуногун вобаста ба фанҳои таълимӣ низ нақши муҳим дорад. Ин озмунҳо дар истироҳатгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ ташкил гардида, ба рушди тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва шавқи хонандагон ба омӯзиш мусоидат менамоянд. Чорабиниҳои мазкур имкон медиҳанд, ки хонандагон дар давраи истироҳат низ ба омӯзиш машғул шуда, донишу малака ва ҷаҳонбинии хешро такмил бахшанд.

Маълум аст, ки дар кишвар озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ – «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Шоҳномахонӣ» ҷараён доранд, ки дар рушди маънавӣ ва зеҳнии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Давраи таътили тобистона барои омӯзиш, мутолиа ва омодагии ҳамаҷониба ба ин озмунҳо имконияти мусоид фароҳам меорад. Хонандагон метавонанд аз фурсати муносиб истифода намуда, дониш ва маҳорати худро такмил диҳанд, доираи ҷаҳонбиниашонро васеъ гардонанд ва барои иштироки фаъолу натиҷабахш дар ин озмунҳо омодагӣ гиранд.

Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар давраи таътили тобистона яке аз омилҳои асосии таъмини солимии кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба ин масъала бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, то варзиш ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон табдил ёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки камҳаракатӣ ва дур мондан аз машғулиятҳои варзишӣ метавонад боиси афзоиши баъзе бемориҳо ва мушкилоти саломатӣ гардад. Аз ин рӯ, падару модарон бояд ба тарбияи ҷисмонии фарзандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро барои машғул шудан ба намудҳои гуногуни варзиш ҳавасманд созанд.

Ҳамзамон, саёҳат ва тамошои осорхонаҳо, театрҳо ва мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ аз ҷумлаи воситаҳои муҳимми баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ ва маърифати хонандагон ба шумор мераванд. Дар ин замина, онҳо метавонанд бо таърихи пурифтихори кишвар, дастовардҳои фарҳангӣ ва мероси гаронбаҳои миллӣ аз наздик ошно шаванд. Инчунин, боздид аз мавзеъҳои зебои табиати кишвар барои рушди завқи эстетикӣ, муҳаббат ба табиат ва эҳсоси ифтихору ватандӯстӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки таътили тобистона барои истироҳат, омӯзиш, варзиш, мутолиа ва шиносоӣ бо фарҳангу таърихи миллӣ метавонад дар ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфтаи хонандагон саҳми арзанда гузорад.

Шоистаи таъкид аст, ки барои истироҳати босамари хонандагон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Ҳадаф аз ин тадбирҳо дар он аст, ки хонандагон дар давраи таътил ҳам истироҳат намоянд, ҳам солиму бардам ва ҳам маънавияташон такмил бахшида шавад.

Дар ин замина, масъулияти омӯзгорон ва волидон низ муҳим мебошад. Нақши падару модарон дар тарбия ва роҳнамоии фарзандон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба таври мушаххас дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки падару модарон фаъолият ва масъулияти худро дар самти тарбияи фарзандон тақвият бахшида, барои ба камол расидани фарзандони солим, донишманд ва дорои ҷаҳонбинии васеъ ҳамвора талош намоянд.

Воқеан, таътили тобистона барои кӯдакон ва наврасон давраи муҳим ва имконияти хуби барқарор намудани неру, таҳкими саломатӣ ва рушди малакаҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Ташкили дурусти таътили тобистона бояд ҳам истироҳати фаъол ва ҳам рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва эҷодии кӯдаконро дар бар гирад. Дар давраи таътил, дар баробари машғулиятҳои варзишу солимгардонӣ ва саёҳат, ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ низ аҳаммияти махсус додан зарур аст. Дар баробари истироҳат, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, маҳфилҳои робототехника, барномасозӣ, мутолиаи китобҳо ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки малакаҳои муосирро аз худ намоянд. Банақшагирии дуруст ва интихоби мақсадноки машғулиятҳо дар таътили тобистона метавонад ба давраи фаромӯшнашаванда ва дарёфти истеъдодҳои нав мусоидат кунад.

Насриддин ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

МУЛОҲИЗА

Оила дар низоми арзишҳои миллии ҷомеаи тоҷик мавқеи меҳварӣ дорад ва пойдории он на танҳо масъалаи ҳуқуқӣ, балки натиҷаи мустақими сатҳи тарбия ва маърифати иҷтимоии шаҳрвандон мебошад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, низоми маориф ҳамчун ниҳоди асосии ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар пешгирӣ ва коҳиши ҳолатҳои бекоршавии ақди никоҳ нақши калидӣ мебозад.

ОИЛА БОЯД УСТУВОР БОШАД

Моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки оила таҳти ҳифз ва ҳимояи давлат қарор дорад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки татбиқи самараноки ин меъёр бидуни омодагии маънавӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷавонон, ки маҳз дар муҳити таълимӣ ташаккул меёбад, имконнопазир аст. Аз ин рӯ, масъулияти муассисаҳои таълимӣ дар баланд бардоштани фарҳанги оиладорӣ на камтар аз масъулияти мақомоти ҳуқуқӣ мебошад.

Кодекси оила, махсусан, моддаҳои 3, 63 ва 70 устувории оиларо ҳамчун арзиши иҷтимоӣ ва манфиати олии кӯдакро ҳамчун меъёри асосӣ таъкид менамояд. Аммо барои он ки ин меъёрҳо танҳо матни қонун набошанду бо рафтори иҷтимоӣ табдил ёбанд, бояд аз синни мактабӣ ва донишҷӯӣ дар шуури шаҳрвандон ҷой гиранд. Ин вазифа бевосита ба соҳаи маориф тааллуқ дорад.

Тибқи омор, соли 2025 дар ҷумҳурӣ 535 ҳолати бекоршавии никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Таҳлили иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди сабабҳои ҷудошавӣ решаҳои тарбиявӣ ва маърифатӣ доранд: набудани фарҳанги муошират, паст будани саводи ҳуқуқӣ, омодагии равонии нокифоя.

Хусусан, кӯдаконе, ки дар натиҷаи ҷудошавӣ аз муҳити пурраи оилавӣ маҳрум гардидаанд, дар оянда метавонанд ба гурӯҳи хавфноки иҷтимоӣ дохил шаванд. Тадқиқоти байналмилалӣ собит мекунад, ки чунин кӯдакон бештар ба мушкилоти таълимӣ, пастшавии сатҳи омӯзиш ва норасоии мутобиқшавии иҷтимоӣ дучор мегарданд. Ин ҳолат бевосита ба сифати таҳсил таъсир мерасонад.

Сабабҳои бекоршавии никоҳро метавон ҳамчун нотавонии низоми тарбия дар омодасозии ҷавонон ба зиндагии оилавӣ арзёбӣ кард:

- набудани фан ё курсҳои устувори тарбиявӣ дар мактаб ва донишгоҳ;
- маҳдуд будани фаъолияти равоншиносони таълимӣ;
- якранг будани корҳои фаҳмондадиҳӣ;
- ҷудо будани маориф аз масъалаҳои воқеии иҷтимоӣ.

Бо такя ба таҷрибаи илмӣ ва амалии соҳаи маориф дар пешгирии пошхӯрии оилаҳо роҳҳои зерин муассир шуморида мешаванд: Ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ оид ба фарҳанги оиладорӣ дар синфҳои болоӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани нақши равоншиносони мактаб ва донишгоҳ дар омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, интегратсияи маърифати ҳуқуқӣ ба фанҳои гуманитарӣ, таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо САҲШ ва сохторҳои иҷтимоӣ, омодасозии омӯзгорон ҳамчун интиқолдиҳандагони арзишҳои оиладорӣ, кор бо падару модар ҳамчун шарикони раванди тарбия.

Пешгирии бекоршавии ақди никоҳ танҳо вазифаи қонун ё мақомоти сабти ҳолати шаҳрвандӣ нест. Ин, пеш аз ҳама, вазифаи стратегии соҳаи маориф мебошад. Маҳз маориф метавонад, ки маърифати ҳуқуқиро ташаккул диҳад, фарҳанги муоширатро рушд бахшад, омодагии психологию иҷтимоии ҷавононро таъмин намояд.

Ҷудошавии оилаҳо аксаран дар натиҷаи набудани омодагии ҳуқуқӣ, психологӣ ва иҷтимоии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меояд. Дар сурати татбиқи барномаҳои таълимии мақсаднок ва таҳкими кори тарбиявӣ муассисаҳои таълимӣ метавонанд ба коҳиши ҳолатҳои бекоршавии ақди никоҳ мусоидат намоянд.

Юнус ҲАСАНЗОДА,
сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти АТТ

Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ айни замон 4 лоиҳаро дар соҳаи роҳу нақлиёт амалӣ менамоянд.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти шонздаҳум (синфҳои 8 ва 9)

Ҳисоб намудани қиматҳои ифодаҳои алгебравӣ

Масъалаи 79. Суммаи $x^{2025} + \frac{1-x}{x^{2025}}$-ро ёбед, агар $\sqrt{x^9} + \frac{1}{\sqrt{x^9}} = 0$ бошад.

Масъалаи 80. Ададҳои a ва b чунон интихоб карда шудаанд, ки $\frac{a-\sqrt{a^2+4b^2}}{2b} = \frac{1}{3}$ аст. Қимати ифодаи $\frac{a-\sqrt{a^2+4b^2}}{2b}$-ро ёбед.

Масъалаи 81. Қимати n-ро ёбед:

$$\frac{1}{\frac{1}{\frac{1}{\sqrt{5}-2n}+4}+4}+4 = \sqrt{5}+2.$$

Масъалаи 82. Қимати ифодаи $x^{2025} + x^{1951}$-ро ҳисоб кунед, агар $x^2 + x + 1 = 0$ бошад.

Ҳалли масъалаҳо

79. Ҳал. Ҳар ду тарафи $\sqrt{x^9} + \frac{1}{\sqrt{x^9}} = 0$-ро ба $\sqrt{x^9} \neq 0$ зарб мекунем: $\sqrt{x^9} \cdot \sqrt{x^9} + \frac{1}{\sqrt{x^9}} \cdot \sqrt{x^9} = 0$; $x + 1 = 0$; $x^{\frac{9}{2}+\frac{9}{2}} + 1 = 0$; $x^9 + 1 = 0$ ё ки $x^9 = -1$.

Акнун суммаи додашударо табдил дода, қимати онро ҳисоб мекунем:

$$x^9 + \frac{1}{x^{2025}} = (x^9)^{225} + \frac{1}{(x^9)^{225}} =$$
$$= (-1)^{225} + \frac{1}{(-1)^{225}} = -1 - 1 = -2.$$

Ҷавоб: – 2

80. Ҳал. Тарзи якум. $\frac{a-\sqrt{a^2+4b^2}}{2b} = x$ ишора карда, тарафҳои чап ва рости ин ифодаҳоро бо ҳамдигар зарб мекунем:

$$\frac{a-\sqrt{a^2+4b^2}}{2b} \cdot \frac{a+\sqrt{a^2+4b^2}}{2b} = \frac{1}{3} \cdot x;$$
$$\frac{(a^2)-(\sqrt{a^2+4b^2})^2}{(2b)^2} = \frac{1}{3} \cdot x;$$
$$\frac{a^2-a^2-4b^2}{4b^2} = \frac{x}{3}; -1 = \frac{x}{3}\ x = -3.$$

Тарзи дуюм. Ифодаи додашударо табдил медиҳем:

$3a - 3\sqrt{a^2+4b^2} = 2b$; $3a - 2b = 3\sqrt{a^2+4b^2}$.

Дар ин ҷо $3a - 2b = \geq 0$ буда, $a > 0$ ва $b < 0$ аст.

Ҳар ду тарафи ин ифодаро ба квадрат мебардорем:

$(3a - 2b)^2 = (3\sqrt{a^2+4b^2})^2$;

$9a^2 - 12ab + 4b^2 = 9a^2 + 36b^2$;

$-12ab = 32b^2 \quad b \neq 0$; $b = -\frac{3}{8}a$.

Қимати $b = -\frac{3}{8}a$-ро ба ифодаи матлуб мегузорем:

$$\frac{a+\sqrt{a^2+4b^2}}{2b} = \frac{a+\sqrt{a^2+4\left(-\frac{3}{8}a\right)^2}}{2\cdot\left(-\frac{3}{8}a\right)} =$$
$$= \frac{a+\sqrt{a^2+\frac{9}{16}a^2}}{2\cdot\left(-\frac{3}{4}a\right)} = \frac{a+\frac{5}{4}a}{2\cdot\left(-\frac{3}{4}a\right)} = \frac{9a}{4} : \left(-\frac{3}{4}a\right) = -3$$

Ҷавоб: – 3.

81. Ҳал. Пай дар пай махраҷҳои касрро табдил дода, қимати ифодаи додашударо ҳисоб мекунем:

$$\frac{1}{\frac{1}{\frac{1}{\frac{1+4\sqrt{5}-8n}{\sqrt{5}-2n}}+4}+4} = \sqrt{5}+2-4;$$

$$\frac{1}{\frac{\sqrt{5}-2n}{1+4\sqrt{5}-8n}+4} = \sqrt{5}-2;$$

$$\frac{1}{\frac{\sqrt{5}-2n+4(1+4\sqrt{5}-8n)}{1+4\sqrt{5}-8n}} = \sqrt{5}-2;$$

$$\frac{1+4\sqrt{5}-8n}{17\sqrt{5}+4-34n} = \sqrt{5}-2;$$

$1 + 4\sqrt{5} - 8n = (\sqrt{5} - 2)(17\sqrt{5} + 4 - 34n)$;

$1 + 4\sqrt{5} - 8n = 85 + 4(\sqrt{5} - 34\sqrt{5}n - 34\sqrt{5} - 8 + 68n$;

$68n + 8n - 34\sqrt{5}n = 1 - 85 + 34\sqrt{5} + 8$;

$76n - 34\sqrt{5}n = -76 + 34\sqrt{5}$;

$(38 - 17\sqrt{5})n = -38 + 17\sqrt{5}$;

$(38 - 17\sqrt{5})n = -38 - 17\sqrt{5}$;

$n = -1$.



Ҷавоб: – 1.

82. Ҳал. Ҳар як узви муодилаи $x^2 + x + 1 = 0$-ро ба $x \neq 0$ тақсим карда, ифодаи ҳосилшударо табдил медиҳем:

$\frac{x^2}{x} + \frac{x}{x} + \frac{1}{x} = 0$; $x + 1 + \frac{1}{x} = 0$ ё ки $x + \frac{1}{x} = -1$. (1)

Акнун ҳар ду тарафи муодилаи $x^2 + x + 1 = 0$-ро ба $x - 1$ зарб намуда, пайдо мекунем:

$(x - 1) \cdot (x^2 + x + 1) = 0 \cdot (x - 1)$;

$x^3 - 1 = 0$ $x^3 - 1 = 0$ ё ки $x^3 = 1$. (2)

Ифодаи $x^{2024} + x^{1951}$-ро табдил дода, аз баробариҳои (1) ва (2) истифода мекунем:


$$x^{2024} + x^{1951} = x^{2025-1} + x^{1950+1} =$$
$$= \frac{x^{2025}}{x} + x^{1951} \cdot x = \frac{(x^3)^{675}}{x} + (x^3)^{675} \cdot x =$$
$$= \frac{1^{675}}{x} + 1^{650} \cdot x = \frac{1}{x} + x = -1.$$

Ҷавоб: – 1.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ

Намудҳои бомбаҳои ҳастаӣ (ядроӣ)

30 январи соли 1933 Президенти Олмон П.Ф.Гинденбург А. Гитлерро ба мансаби канслер (сарвазир) таъин кард. Ӯ пас аз канслер шуданаш, нисбат ба миллати яҳуд қатли ом эълон мекунад. Дар мамлакати Олмон дар он давра олимони машҳури ҳамон замон А. Эйнштейн ва Н. Бор зиндагӣ мекарданд. Идеологияи сиёсӣ ва режими диктаторӣ ба номи фашизм ба миён омад. Олимоне, ки миллаташон яҳуд буданд, зери таҳдиди ин режим шуда, маҷбур шуданд, ки ин мамлакатро тарк кунанд. Аз ҷумла, А. Эйнштейн аввал ба Иттиҳоди Шуравӣ рафт, ки дар он ҷо шароити кор мушкил буд, бинобар ин, ба ИМА сафар ва дар он ҷо то охири умр зиндагӣ кард. Дар Италия низ вазъият чунин буд ва олимон зери таҳдид қарор гирифтанд. Дар Италия олиме бо номи Энрико Ферми зиндагӣ мекард, ки ҳамсараш яҳудӣ буд. Вай ҳам маҷбур шуд, ки Италияро тарк кунад ва ба ИМА фирор кунад. Дар Амрико ин олим соли 1942 аввал реактори атомиро месозад ва соли 1945 бо иштироки ӯ дар Лоиҳаи Манҳеттен ду бомбаи атомӣ (ҳастаӣ) сохта мешавад: толстяк (фарбеҳак) ва малиш (хурдак).



Иқтидори ин бомбаҳо 20 ктонна буд.

N = 20 ктонна = 20 ·1000·1000 кг = 20000000 кг моддаи тарканда баробар мешавад. Дар давраи Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ дар ИМА Ф. Рузвелт президенти ин мамлакат интихоб гардид. Баъди вафоти ӯ Трумен президент интхоб шуд. Бо супориши Трумен ин ду бомба дар ду шаҳри зебои Ҷопон (6-9 август соли 1945) – Нагасакӣ ва Хиросима партофта шуд. Дар он давра дар ин шаҳрҳо тақрибан зиёда аз 300000 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд. Дар як соати баъди тарки ши бомбаҳо тақрибан 120 ҳазор одам талаф ёфт. Акнун ин рақамро ҳисобу китоб мекунем:

N = 20 ктонна = 20 ·1000·1000 кг = 20000000 кг.

Ин рақамро ба аҳолии ин шаҳрҳо тақсим мекунем:

N = 20 ктонна = 20 ·1000·1000 кг = 20000000 кг : 300000 н = 200 : 3 = 66.6 кг моддаи тарканда аз рӯйи эквиваленти тротилӣ ба ҳар як сари аҳолии ҳамин шаҳрҳо рост меояд. Баъди таркиши ин бомба инсоният фаҳмид, ки ин чӣ гуна яроқ ҳаст. Баъдтар ин гуна яроқҳоро яроқи қатли ом номиданд. Ҳоло бошад, бомбаҳое истеҳсол шудаанд, ки тавоноии онҳо ҳазорҳо маротиба аз ин бомбаҳо зиёданд. Яъне, иқтидори ин гуна бомбаҳо ба 200 М тонна баробар аст.

N = 200 М тонна = 200 · 1000000 · 1000 кг = 2 00000000000 = $2 \cdot 10^{11}$ кг моддаи таркандаи тротилӣ баробар аст. Ин рақамро ба аҳолии сайёраи Замин тақсим мекунем. Аҳолии сайёраи Замин тақрибан ба 9 млрд. нафар мерасад. Ин рақамро ба ин миқдор тақсим мекунем:

N = 200 М тонна = 200·1000000 · 1000 кг = 2 00000000000.

N = 200 М тонна = 200·1000000 · 1000 кг = 2 00000000000 : 9000000000 = 22.2 кг.

Агар ин рақамро ба дараҷа бардорем,

$$N = \frac{200000000000}{9000000000} = \frac{2\cdot 10^{11}}{9\cdot 10^9} =$$
$$= \frac{2\cdot 10^{11}\cdot 10^{-9}}{9} = \frac{2\cdot 10^2}{9} = \frac{200}{9} = 22.2\text{кг}$$

Метавон гуфт, ки ба сари ҳар як нафари фарди сайёраи Замин 22.2 кг моддаи таркандаи тротилӣ рост меояд. Ин рақам фақат як бомбаи 200 М тонна дар назар дорем, ҳоло ҳазорҳо чунин намуди бомбаҳо сохта шудаанд.

Намудҳои бомбаҳои қатли ом:

Бомбаҳои атомӣ (ҳастаӣ), термоядроӣ (ҳароратӣ), водородӣ (ҳидрогенӣ), нейтронӣ, метереологӣ, бактериологӣ ва химиявӣ.

Соли 1954 дар Иттиҳоди Шуравӣ (дар шаҳри Обнинск) бо роҳбарии олими машҳури рус И. Курчатов аввалин маротиба неругоҳи барқии атомӣ бо иқтидори 5 М кВт сохта, ба истифода дода шуд. Ин қадами аввали инсон буд, ки ин намуди энергияро на баҳри нест кардани ҷисми зинда, балки барои фоидаи инсон анҷом дода буд. Ҳоло дар тамоми дунё неругоҳи барқи атомӣ сохта мешаванд. Ҳоло ин намуди энергияро дар соҳаҳои ҳарбӣ, техника (киштиҳои яхшикани атомӣ, зериобӣ) васеъ истифода мебаранд. Соли 1986 дар Чернобил дар неругоҳи атомӣ садамае рӯй дод ва реактори атомӣ тарқиш ёфт. Чандин ҳазор одам аз таъсири нурҳои радиоактивӣ талаф ёфтаанд, ҳатто мамлакати Англия аз Иттиҳоди Шуравӣ дар он давра гӯё нурҳои радиоактивӣ то мамалакати Англия рафта расидаст, барои зарараш ҷуброн талаб кард. Олимон ҳисоб кардаанд, ки бояд як метр хоки Чернобилро то 10 км гирифта, дар ҷойи дур резанд, ки ин миқдор хоки замин қариб ба баландии кӯҳи Эверест (баландии ин кӯҳ 8848 м аст), баробар мешавад. Дар чунин масофае, ки нурҳои радиоактивӣ таъсир кардааст, ҳеҷ чиз коштан мумкин нест. Он чизе, ки кошта мешавад, барои ҷисми зинда истеъмол карданашон хатарнок аст. Олимон ҳисоб кардаанд, ки то сад сол нурҳои радиоактивӣ таъсирашро гум намекунад.

Ҳоло неругоҳҳои ҳастаиро аз шаҳрҳо дур месозанд. Баъди ду-се аср дар сайёраи Замин ҳамаи намудҳои канданиҳои фоиданок, аз ҷумла, ангишт, газ, нефт тамом мешавад ва инсоният рӯ ба уран меорад. Уран ҳангоми тақсимшавӣ ба $2.3 \cdot 10^4$ кВт соат энергия ҷудо мекунад, ки 1 гр уран ба сӯхтани 3 тонна ангишт баробар аст.

Раҷабалӣ САФАРОВ,
омӯзгори физикаи МТМУ №124-и ноҳияи Фирдавсӣ

Дар шаҳри Теҳрон китоби «Каманди зулф»-и Зулфия Атоӣ рӯнамоӣ гардид.

Дар маҳфиле, ки Хуршед андар шумори зарра-ст,
Худро бузург дидан шарти адаб набошад.
Ҳофизи Шерозӣ

БА ПЕШВОЗИ МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

Таълими ҷумлаҳои сода ва хелҳои он

Дар сохтани ҷумла ва ифодаи фикр саҳми ҳамаи аъзои ҷумла баробар нест. Маънои грамматикии ҷумла, муносибати асосии ҷумла бо ёрии хабар ва мубтадо ифода меёбанд, бинобар ин, субъект ва предикат ду пояи асосии сохтори ҷумла ҳисоб мешавад. Аъзои дигари ҷумла бар эзоҳи саръазо: мубтадо, хабар ва бар эзоҳи ҳамдигар хидмат мекунанд.



Мубтадо ва хабарро сараъзои ҷумла меноманд, зеро онҳо ду пояи бунёдии ҷумларо ташкил медиҳанд. Аъзои пайрав бештар бар эзоҳи сараъзо хидмат мекунанд. Маънои грамматикии ҷумла-далолат намудан ба воқеият, тасдиқ ё инкор намудан (муносибати предикативӣ) бо ёрии хабар ифода меёбад, бинобар ин, имконоти ҳамаҷониба шарҳу эзоҳ ёфтан ва ба худ тобеъ намудани аъзои пайрав дар хабар бештар аст. Мубтадо чунин сараъзоест, ки сараъзои дигар-хабарро ва аъзои пайравро ба худ тобеъ намуда, худ ба ягон аъзои дигар тобеъ намешавад. Дар ҷараёни таълими аъзои ҷумла, чи дар синфи V ва чи дар синфи VIII, дар хонандагон бояд қобилияти амиқу огоҳона ҷавоб додан, пеш аз ҳама, ба саволи зерин: «Ҷумла аз ҷиҳати хел ва оҳанги талаффуз чанд хел мешавад?» ба вуҷуд оварда шавад. Дар ин бобат бояд хонандагон аз шарҳи муаллим фаҳмида бошанд, ки ҷумлаҳо аз ҷиҳати оҳанги талаффуз: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ мешаванд.

Дар барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI ба таълими синтаксис (ибора ва ҷумла) дар синфи VIII 8 соат муайян шудааст. Дар доираи ин 8 соат ба шогирдон доир ба ҷумла ва хелҳои ҷумла: хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ маълумот додан тақозо мешавад.

Омӯзгор метавонад барои таълими як соат дарси аввал намунаи нақша-конспектро чунин таҳия кунад:

Мавзуъ: Ҷумлаҳои сода ва хелҳои он

Барои самаранок ва бо ҳадаф гузаштани дарс муаллим бояд мақсади дарсро дуруст муайян кунад.

Таҷҳизонидани дарс:

Дар айни замон дар мактаби миёна ба хонандагон таълим додани роҳу усулҳои нави таълим тақозо карда мешавад, аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки нахуст дар тахтаи электронӣ мавзуи ҷумларо акс кунонад. Таҷҳизонидани синф бо нақшаҳо (таблитсаҳо) ва варақчаҳои фардӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Лаҳзаи ташкилии дарс. Мисли дигар лаҳзаҳо муҳим ба шумор меравад. Омӯзгор агар хоҳад, ки дарс хуб гузарад, бояд аввал низоми синфро нигоҳ дорад.

Баёни мавзуи нав. Хонандагон доир ба хелҳои ҷумла аз рӯйи мақсади баён ва оҳанги талаффуз, ки ба гурӯҳҳои хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо карда шудаанд, аз курси муқаддимавии синтаксис, ки дар синфи V таълим дода шудааст, шиносанд, яъне, доир ба ин фасли синтаксис як андоза тасаввурот доранд. Чунончи, медонанд, ки ба воситаи ҷумлаҳои хабарӣ (ҳикоягӣ) дар бораи чизе, воқеаву ҳодисае хабар дода мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои саволӣ аз касе чизе пурсида мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои амрӣ амру фармон ва ё хоҳише ба ҷо оварда мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои хитобӣ ҳиссиёту ҳаяҷони баланд ва ё изтиробангезе ифода карда мешаванд. Хонандагон таърифҳои як андоза содатари чунин навъи ҷумлаҳоро бо овардани мисолҳо гуфта ҳам метавонанд. Аммо аз ҷиҳати илмӣ доир ба тарзи оҳанги талаффузи чунин ҷумлаҳо маълумоте дастрас карда нашудааст, ки ин нукта бояд дар асоси талаби барномаи синфи VIII ба онҳо ташреҳ дода шавад. Инчунин, хонандагон доир ба ҷумлаҳои саволӣ ҷумлаҳоеро мисол меоваранд, ки оҳанги пурсиш дар онҳо танҳо ба воситаи қонишинҳои саволӣ ифода ёфтаанду бас. Ба ҷуз ин, ба хонандагон усули ба ҷумлаҳои саволӣ табдил додани ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва хитобӣ низ ҳанӯз дастрас нест ва ин нукта бояд дар синфи VIII дар алоқамандӣ бо масъалаи задаи мантиқӣ ҳалли худро ёбад.

Инак, бо дарназардошти нуктаҳои фавқ, дар оғоз дониши пешинаи хонандагонро, бахусус, доир ба хели ҷумлаҳои сода марбут ба оҳанги талаффузу мақсади баён санҷида, бояд таъкид карда шавад, ки акнун аз ҳамин дарс сар карда доир ба хусусиятҳои чунин хели ҷумлаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар бораи тарзи талаффузи онҳо, роҳҳои дигари ифодаи пурсиш дар ҷумлаҳои саволӣ ва ниҳоят, дар бораи тарзи ба ҷумлаҳои саволӣ табдил додани ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва амриву хитобӣ низ маълумот хоҳанд гирифт.

Лозим ба таъкид аст, ки бо вуҷуди асоси маълумотҳоро доир ба ҷумлаҳои ҳикоягиву саволӣ ва амриву хитобӣ доро будани хонандагон, мо дар синфи VIII ба ин масъала бахшидани на камтар аз ду соати таълимиро тавсия мекунем. Дар дарси аввал, ки маълумот додан дар бораи ҷумлаҳои ҳикоягиву саволӣ дар мадди назар аст, пеш аз баёни мавзуъ барои мушоҳида, тахминан, чунин ду гурӯҳи ҷумлаҳо (тавассути нақша ё слайд) намоиш дода мешавад, ки ҳар кадом бояд 3-4 ҷумлаи ба ҳам алоқаманд (матн)-ро фаро гирифта бошад. Чунончи:

а) Баҳорон буд. Борон буд. Раъд гулдуррос мезад. Ҳеҷ кас садои тирро намешунавид.

б) Кӣ ба Асо телефон кард? Вай барои чӣ ба шаҳр меояд? Шумо Низомиддин Афандӣ? Чаро овозатон хаста? Касал шудед? Шамол хӯрдед?

Маънои грамматикии ҷумлаи сода аз муносибати аъзои он, маънои грамматикии ҷумлаи мураккаб аз муносибати грамматикии ҷумлаҳои содаи таркибаш ташаккул меёбад.

Умумияти ҷумлаҳои содаи яктаркиба, ки боиси дар як гурӯҳ муттаҳид гардидани онҳо шудааст ва бо ҷумлаҳои дутаркиба грамматикиро ташкил медиҳанд, ҳамин аст, ки дар ташкили онҳо аз сараъзои ҷумла танҳо яке иштирок менамояд.

Ғайр аз ҷумлаи унвонӣ дар ҳамаи ҷумлаҳои яктаркибаи дигар мубтадо иштирок намекунад ва хабари онҳо бо феъл ифода мешавад. Ин ҳодисаи синтаксисӣ бори дигар собит менамояд, ки мақоми феъл дар ташкили ҷумла ва ифодаи маъноҳои зиёди модаливу иродавӣ басо калон буда, хабар асосии ифодакунандаи маънои предикативӣ мебошад.

Дар ташкили ҷумла нақши сараъзо басо калон аст, вале саҳми аъзои пайрав ҳам дар ин соҳа кам нест. Ҳоли замон, макон, сабаб, мақсад ва ғайра на танҳо ба яке аз сараъзо, балки ба мундариҷаи тамоми ҷумла алоқаманд шуда метавонад ва аз ин сабаб, як ҳиссаи структурии ҷумла ба шумор меравад. Бинобар ин, бо ҷудо кардани ҳамаи аъзои ҷумла ба гурӯҳи мубтадо ва хабар таҷзияи синтаксисӣ хотима намеёбад. Дар забон ҳодисаи ба аъзои пайрав тобеъ шудани аъзои пайрав низ маъмул аст.

Ҷумлаҳои сода баъзан хеле сертаркиб мешаванд: дар дохили ҷумла аъзои чида ва истисноӣ, мухотаб, калимаву ибораҳои туфайлӣ омада метавонанд. Аъзои чида, ки як маркази предикативӣ доранд, ҷумлаҳои содаро ба мураккаб табдил намедиҳанд. Хабарҳои чида ба як мубтадо муносибати якхелаи маъноӣ ва грамматикӣ дошта, як маркази предикативӣ ҳисоб меёбанд.

Омӯзгор фикру мулоҳизаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, бори дигар таъкид мекунад, ки хабар сараъзои ҷумла буда, амалу ҳолат ва аломатро дар шахсу шумора ва замоне ба мубтадо фаҳмонида, ба саволҳои чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад?, чӣ шуд?, чӣ хел аст?, кист?, чист? ҷавоб мешавад ва дар ҷумла ба воситаи феъл ифода меёбад.

Баъди таҳлили мисолҳои ҷадвал муаллим диққати шогирдонро ба супоришҳои китоб ҷалб менамояд.

Хонандагон супоришҳои 1, 2, 3, 4-ро аз китоби дарсӣ (саҳ.42-44) хонда, савол гузошта, ҷумлаҳояшро муайян мекунанд. Пас аз муҳокимаи ду машқ муаллим дарсро ҷамъбаст менамояд.

Маърифат МИРЗОЕВА,
муовини директор оид ба таълими МТМУ №10-и ноҳияи Варзоб

ИЛМ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

Омӯзиши биотехнология муҳим аст

Омӯзиши биология дар мактаб барои тарбияи ҳамаҷонибаи хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар шароити Тоҷикистон истифодаи ин имкониятҳо махсусан муҳим аст, зеро иқтисодиёти кишвар бештар ба кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ такя мекунад.

Дар баробари омӯзиши биология, шинос кардани хонандагон бо аҳаммияти иқтисодии ин фан имкон медиҳад, ки онҳо робитаи зичи илм ва истеҳсолотро дарк намоянд. Ин, аз як тараф, дониши иқтисодии онҳоро зиёд мекунад ва аз тарафи дигар, шавқашонро ба фанни биология меафзояд.

Дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои биотехнологияро метавон ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, бактерияҳо, ҳайвонот, мубодилаи модда ва энергия, ғадудҳои дохилӣ ва асосҳои ситология ба роҳ монд. Масалан, дар мавзуи «Бактерияҳо» метавон нақши микроорганизмҳоро дар истеҳсоли хамиртуруш, витаминҳо ва доруҳо нишон дод. Дар Тоҷикистон истифодаи чунин маҳсулот дар чорводорӣ аҳаммияти калон дорад. Илова кардани витаминҳо ва хамиртуруш ба хӯроки чорво боиси зиёдии вазн ва баланд шудани маҳсулнокӣ мегардад.

Ҳамчунин, истифодаи иловаҳои биологӣ (премиксҳо) метавонад хароҷоти истеҳсолотро кам намояд. Масалан, бо истифодаи чунин иловаҳо афзоиши вазни ҳайвонот ва истеҳсоли шир зиёд мегардад, дар ҳоле ки хӯрок сарфа мешавад. Ин барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерии Тоҷикистон муфид мебошад.

Дар мавзуи «Хун ва гардиши он» метавон мисоли интерферонро ёдрас кард. Пештар ин моддаро аз хуни инсон мегирифтанд, ки хеле гарон буд. Имрӯз бо истифода аз муҳандисии генетикӣ онро бо ёрии бактерияҳо истеҳсол мекунанд. Ин мисол ба хонандагон нишон медиҳад, ки чӣ гуна технологияҳои муосир хароҷотро кам ва самаранокиро зиёд мекунанд.

Дар мавзуи «Мубодилаи модда ва энергия» метавон масъалаи норасоии сафеда ва аминокислотаҳоро баррасӣ кард. Дар Тоҷикистон, ки қисми зиёди аҳолӣ ба маҳсулоти растанигӣ такя мекунад, ғанӣ гардондани хӯрок бо аминокислотаҳо метавонад сифати ғизоро беҳтар намояд ва хароҷотро кам кунад.

Истифодаи ферментҳо дар саноати хӯрокворӣ низ аҳаммияти калон дорад. Масалан, дар нонпазӣ ва коркарди мева ферментҳо сифати маҳсулотро беҳтар карда, муҳлати нигоҳдории онро зиёд мекунанд. Ин барои корхонаҳои маҳаллӣ имконияти беҳтар намудани рақобатпазириро фароҳам меорад.

Яке аз самтҳои муҳим барои Тоҷикистон истифодаи партовҳои кишоварзӣ мебошад. Пахол, пояи пахта ва дигар партовҳоро метавон бо усулҳои биотехнологӣ ба хӯроки чорво, нуриҳо ва ҳатто биогаз табдил дод. Ин на танҳо манбаи иловагии даромад аст, балки ба ҳифзи муҳити зист низ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, истеҳсолоти биотехнологӣ бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Аз ҷумла, масъалаи истифодаи оқилонаи об муҳим аст. Гарчанде Тоҷикистон дорои захираҳои бойи об мебошад, истифодаи самараноки он зарур аст. Истифодаи такрории об ва тозакунии он метавонад хароҷотро кам ва муҳити зистро ҳифз намояд. Инчунин, масъалаи тозакунии партовҳои газӣ ва сохтани технологияҳои бепартов аҳаммияти калон дорад.

Ҳангоми омӯзиши биотехнология муҳим аст, ки хонандагон дарк кунанд: танҳо дар сурати риояи дақиқи қоидаҳои илмӣ ва технологӣ метавон натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварад. Барои ин мутахассисон бояд дониши амиқи илмӣ ва малакаҳои амалӣ дошта бошанд.

Ниёзбибӣ АВЕЗОВА,
омӯзгори биологияи гимназияи «Нуриддин»-и шаҳри Душанбе

Дар Тоҷикистон нахустин неругоҳи бодӣ бо иқтидори 200 киловатт ба истифода дода мешавад.

БА ОЗМУНИ «УЛУҒЗОДА - ТАБЛИҒГАРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ»

Шинохти рӯзгори адиб тавассути рақамҳо

Соли равон 115-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сотим Улуғзода ҷашн гирифта мешавад. Бинобар ин, ба ин муносибат дар муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳои гуногун баргузор мегарданд.

Ман дарсҳоямро дар синфҳои ёздаҳум доир ба фаъолияти адабӣ ва зиндагиномаи устод Улуғзода чунин ташкил менамоям. Мисолу масъалаҳоро оид ба ҳаёт ва зиндагии нависанда тартиб дода, дар лаҳзаҳои пурсиш, кори мустақилона ва санҷиширо истифода мебарам, ки онҳо дониши хонандагонро дар ин мавзуъ пурра менамоянд. Дар ин замина, малакаю маҳорати масъалаҳалкунии хонандагон инкишоф ёфта, вобастагии байни фанҳоро дуруст эҳсос менамоянд.

Намунаи мисолу масъалаҳо чунин аст:

Агар дар фунуксияҳои $\int(X) = x^3 + 9x^2 + x + 1$ ва д(х) = $x^3 + x^2 + 9x + 2$; $\int(10)$, д/(0), д(0)-ро муайян намуда, нақшаро дуруст пур намоед ва ном, рӯз, моҳу соли таваллуди нависандаро пайдо кунед, рақамҳои дар сатрбуда ҷойи ҳарфҳоро дар алифбои тоҷикӣ нишон медиҳад.

∂(о)	®(0)	ғ(0)	22	19	23	11	17

Ҷавоб 2.09.1911. Сотим

Сотим Улуғзода Дорулмуаллимини тоҷикӣ дар шаҳри Тошкандро хатм карда буд. Соли донишҷӯ шудани ӯро аз қиммати ифодаи зерин ёбед.

25.23.5 + 32. (92 + 19) + 52

Ҷавоб: 1925

Решаи муодилаи $5 \cdot 2x = 80$ дар Дорулмуаллимин чанд сол таҳсил кардани Улуғзодаро нишон медиҳад. Онро ёбед.

Ҷавоб: (4сол)

Солеро, ки нависанда Дорулмуаллиминро хатм намуд, аз қиммати $\int(10)$-ки $\int(x) = 6x^3 + 5x^2 + 29x$ ёфта метавонед.

Ҷавоб: С (1929)

Соли ба шаҳри Душанбе омадани Улуғзодаро аз қиммати $\int(10)$-ки $\int(x) = 6x^3 + 5x^2 + 30x$ муайян карда метавонед.

Ҷавоб: (соли 1930)

Аз решаи муодилаи $\sqrt{x + 563`} = 50$ ва $\sqrt{y + 81`} = 45$ дар вазифаи котиби масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият намудани нависандаро чӣ тавр пайдо кардан мумкин аст?

Ҷавоб: 1934-1937

Устод Улуғзода якчанд сол раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда, адои вазифа намудааст. Он солҳоро баъди ҳалли системаи муодилаҳои зерин меёбед.

$$\begin{cases} x + y = 3890, \\ y - x = 2 \end{cases}$$

Ҷавоб: (1944-1946)

Аз ҳалли системаи муодилаҳо солҳои таълифи романи «Восеъ» ва «Субҳи ҷавонии мо»-ро пайдо намоед.

$$\begin{cases} x - y = 13 \\ x + y = 3921 \end{cases}$$

Ҷавоб: 1967, 1954

Сотим Улуғзода дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ иштирок кардааст. Солҳои дар фронт будани ӯро аз ҳалли системаи муодилаҳои зерин ёбед.

$$\begin{cases} 2x - 2y = 6 \\ x + y = 3885 \end{cases}$$

Ҷавоб: 1941-1944

Қиммати ифодаи $6 \log 2^{32} + 3$ аз чанд боб иборат будани романи «Восеъ»-ро нишон медиҳад. Онро ёбед.

Ҷавоб: (33)

Устод асарҳои саҳнавии бисёре низ офаридааст, ки онҳо намунаи беҳтарини драматургияи тоҷик мебошанд.

Решаи муодилаи $\frac{(x,(x) + x,(xx))}{0.2} = 100$ миқдори драмаҳои офаридаи устодро нишон медиҳад. Онро ёбед.

Ҷавоб (9)

С. Улуғзода очерку ҳикояҳое эҷод кардааст, ки онҳо дар роҳи илмдӯстӣ, донишандӯзӣ ва ватандӯстии ҷавонон нақши муҳим мебозанд. Миқдори онҳо пас аз ҳисоб намудани қимати ифодаи $6\log3\sqrt{3} + 2$ маълум мегардад.

Ҷавоб: 5

М. ҶУМЪАЕВ,
омӯзгори МТМУ №40-и шаҳри Истаравшан

БА ИФТИХОРИ 85-СОЛАГИИ ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ЛОИҚ ШЕРАЛӢ



Ҳама қатраҳоему дарё шавем

Аз солҳои 70-уми асри гузашта то ба имрӯз дар арсаи адабиёт ашъори безаволи шоири ширинкалом Лоиқ Шералӣ қалби ҳазорон шефтагонашро тасхир кардааст. Шеъри ӯ пайвандгари қалбҳо буда, риштаҳои гусастаи адабиёти дирӯзро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо мепайвандад. Вақте ки осори шоирро мутолиа менамоӣ, ба жарфнои андешаҳо фурӯ рафта, дармеёбӣ, ки онҳо дарду ғаму шодию нишот ва меҳру муҳаббатро баён менамоянд.

Ёдам меояд, ки миёнаи солҳои 80-уми қарни гузашта китоби «Офтобборон»-и устод нашр гардид, зуд ба фурӯш рафт. Ҳарчанд кофтам, пайдо накардам. Гузорам ба гӯшаи дури шаҳри Хуҷанд афтод ва мағозаи китобфурӯширо дидам. Бо умед чашм ба рафи китобҳо давондам ва «Офтобборон»-ро ҷӯё шудам. Фурӯшанда маро ноумед нагардонд, китоби устодро дод, аммо бо сарбории китоби шоири дигар. Пурсидам; «Ин китоб барои чӣ?» Гуфт: «Инро (манзур китоби сарборӣ) ба кӣ фурӯшам?».

Ман ба хотири китоби устод онро низ харидам.

Ана чунин буду чунин ҳаст маҳбубияти устод Лоиқ.

Мавзуи эҷодиёти устоди тавоно басо фарох аст: ишқ, тозагии забони тоҷикӣ, хоки муқаддаси Ватан, рисолати инсон, мазаммати хӯи ғуломӣ...

Мо дар ин ҷо танҳо сари китоби охирини устод «Фарёди бефарёдрас» баъзе бардоштҳои хешро иброз медорем. Китоб соли 1997 ба нашр расидааст. Ба андешаи инҷониб, «Фарёди бефарёдрас» беҳтарин китоби ашъори устод аст, ки дар адабиёти тоҷик барои расидан ба ваҳдати миллӣ тавлид гадидааст:

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо.
Бидеҳ соқӣ, он май, ки мун мо
шавем,
Ҳама дар такопӯи фардо
шавем.
Зи ҳар ҷо биёему якҷо шавем,
Ҳама қатраҳоему дарё шавем.
(«Соқиномаи имрӯзин»).

Воқеан, дар айёми ҷанги шаҳрвандӣ орзуи ҳар яки мо ваҳдати миллӣ буд. Ҷамъи миллати порагашта орзуи ягонаи шоир буд.

Орзуи шоир – ваҳдату якпорчагии Ватан замоне ҷомаи амал пӯшид, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид ва шодии шоирро интиҳо набуд:

Раҳми Парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

Ин роҳ – расидан ба ваҳдату якпорчагии Ватани азиз кори басо мушкил буд. Бахшидани гуноҳи якдигар, дасти дӯстӣ дароз кардан ба ҳамдигар аз инсон таҳаммул, бурдборӣ, азхудгузариро тақозо мекард. Азхудгузариҳо ба хотири бақои миллат, сина сипаркарданҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлоли воқеиро насиби миллати тоҷик гардонд:

Ҳуҷаста бошадо, иқболи тоҷик!
Ба парвози навин шаҳболи тоҷик!
Гар истиқлолаш истиқбол дорад,
Ҳумоюн бод истиқлоли тоҷик!

Шеъри Лоиқ тирукамони баъди боронҳост. Рангҳои зебои тирукамон дурахши шеъри устод Лоиқро ба ёд меорад.

Шарифи ШАРИФЗОД
омӯзгори МТМУ №1-и
ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ,
Аълочии маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суханрезаҳои устод Лоиқ

Дар паҳнои адабиёт на ҳамаи шоиронро муяссар гаштааст, ки дар аксар жанрҳои назм асар офаридаву ба комёбӣ расанд. Дар ин миён ба устод Лоиқ даст дода, ки дар чандин жанри шеърӣ осори ҷолибу мондагор офарида, адабиёти тоҷикро боз ҳам фарогиртару ғанӣ ва рангину муҳтавоманд созад. Дар эҷодиёти устод Лоиқ ғазалу рубоию дубайтӣ ва ашъори маъмулӣ (чаҳорпораҳову маснавигунаҳо...) мавқеи барҷаста доранд. Устод чанде аз жанрҳои шеъриро эҳё кард ва онҳоро аз лиҳози мазмуну мундариҷа такмил бахшид. Ба шарофати кӯшишҳои бобарори устод, аз ҷумла, жанри дерини адабиёти тоҷик – ғазал аз нав фаъол гашт ва ғазалҳои хеле пурмаъно офарида шуданд. Муҳимтар аз ҳама, собит гашт, ки ҳеҷ жанри адабӣ куҳнаву ба руҳияву талаботи замон носозгор намешавад, балки дар ҳама ҳолат нақши асосиро истеъдоди шоир ва сатҳи ҳунару тавоноии адабии ӯ мебозад. Хушбахтона, мероси адабии устод Лоиқ хеле ғанию рангин ва гуногунжанр аст. Як қисмати осори устодро суханрезаҳои ӯ ташкил медиҳанд. Устод як силсила байтҳои алоҳидаашро «Суханрезаҳо» номидааст, ки дар мавзуъҳои гуногун гуфта шудаанд. Аксари онҳо бори гарони маънӣ мекашанд, хеле ҳадафгиру муассиранду иртиботи қавӣ бо воқеият, бо рухдодҳои замон ва бо бардошту мушоҳидаву хулосаҳои шоир доранд. Ҷанбаи пандуахлоқии суханрезаҳои устод хеле ҷолибу баланд мебошад. Ин гуна навиштаҳои шоир одамонро ба хушахлоқию хушниҳодӣ, сабру таҳаммул, гуфтору рафтори нек, дӯстию рафоқат, дастгири вомондагон будан, ишқу муҳаббат варзидан, донистани қадри вақт, эҳтироми волидон, ҳазар кардан аз кирдори ношоиста, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллат, пос доштани забони модарӣ, андешаи нек кардан, ба эҳтиёҷмандон дасти мадад расондан, шукргузорӣ аз неъматҳои ҳаёт, шоду масрур зистан, аз нобарориву шикастҳо руҳафтода нашудан, доимо хушбин будан, ба илму дониш гаравидан, дил ба даст овардан, ҳамнафасию ҳамдамӣ бо мардум... даъват менамоянд ва хеле табиию дилчаспанд.

Бингаред, чӣ қадар шукргузорона ва ҳикматбор аст яке аз аввалин байтҳои ин силсила:

Бешу ками олам одати дерин аст,
Кам бошаду ғам набошад, иқбол ин аст.

Воқеан, бунёди зиндагии шоиста тани сиҳат аст ва гуфтаи халқист, ки «бехи давлат – тани сиҳат». Зиндагии дур аз ғаму андуҳ ва шукргузорона доштан барои ҳар шахс саодати зиндагист.

Дар байти зерин ифтихори миллӣ хеле самимӣ ифода ёфтааст, ба тариқи таманно:

Бе согару май чу мо касе маст мабод,
Сарҳои баланди тоҷикон паст мабод!

Ҳамдами якдигар будан ва ба қадри ҳамдигар расидану аз суҳбати ҳам баҳра бардоштан маънии ғанимат донистани умри гузаронро дорад:

Бо ҳамнафасе агар кашӣ як нафасе,
Дар як нафасе ба қадри дунё бирасӣ.

Теъдоди зиёди суханрезаҳои устод ба яке аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёт – ишқу муҳаббат бахшида шудаанд ва хеле хушоҳангу дилошӯбу равону самимиянд. Чанд мисол:

Овози ту дар кӯҳу даман мепечад,
Зулфони ту дар гардани ман мепечад.

***

Бо ёди ту рӯзҳои ман бегаҳ шуд,
Бе зулфи дарозат умри ман кӯтаҳ шуд.

***

Эй кош, зи ишқи ёри хушқад мирам,
Дар сояи давлати муҳаббат мирам.

Бояд гуфт, ки аксар суханрезаҳои устод Лоиқ оҳанги халқӣ доранд ва ба байтҳои фолклорӣ хеле наздиканд. Аз ин рӯ, зуд тасхири дилҳо мекунанд, мақбули хонанда мешаванд ва беихтиёр дар зеҳнҳо менишинанд. Ин боз як далели забондони мумтоз ва шоири қудратманд будани устод Лоиқ мебошад. Аз тарафи дигар, дар суханрезаҳои шоир санъати сухан, тавонмандиҳои забони тоҷикӣ дар сатҳи баланд ва басо моҳирона истифода шудааст. Аз ин лиҳоз, овардани як суханрезаи машҳури устод айни муддаост:

Шоирӣ гояти қудрат будаст,
Адабиёт абадият будаст.

Ин байт бозгӯи он аст, ки аслан ҳар як суханрезаи устод, ки хоксорона чунин номгузорӣ шудааст, маънои як шеъру ғазали комилро дорад.

Шоҳида МУКАММАЛЗОДА,
омӯзгори калони Коллеҷи омӯзгории
шаҳри Панҷакент

Иқтидори Тоҷикистон дар Форуми глобалии энергетикӣ дар шаҳри Вашингтон муаррифӣ гардид.

Макун гарданфарозӣ, то насозад даҳр помолат,
Ки най охир зи ҷурми саркашиҳо бурё гардад.
Абдураҳмони Ҷомӣ

ОЛИМОНИ МО

МАСЪУЛИЯТШИНОС

Барно Ашӯрова баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар мактаби миёнаи рақами 54-и шаҳри Душанбе фаъолияти омӯзгориро огоз бахшид. Бори аввал ман муаллимаро зимни ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаи «Тарзи ҳаёти солим» дар шаҳри Исфара шинохта, дар рӯ ба рӯям як мутахассиси варзидаи соҳаи маориф, бонуи донишманду моҳирро дида, шукргузор шуда будам аз чунин шиносоӣ. То он вақт Барно Ашӯроваро гоибона мешинохтам ва дар бораи ҷасорат ва матонаташон қиссаҳои зиёд шунида будам. Муаллима аз аввалин занҳои шаҳри Исфара, деҳаи Ворух буданд, ки барои таҳсил ба пойтахти кишвар – ба шаҳри Душанбе омада, дар баробари омӯзишу таҳсил саҳми хешро дар корҳои ҷамъиятӣ ва рушди соҳаи маориф гузоштаанд. Ману муаллима дар хусуси аксар масоил ҳамназар будем ва ин умумият моро наздик менамуд, чун ҳарду дар деҳаҳои дурдасти кишвар ба воя расида, масоили таҳсили духтарон ва шуғли занони русторо хуб медонистем ва дарк менамудем, ки барои ба мақсад расидани як духтари деҳотӣ монеаҳои зиёде мавҷуданд. Бардошти нигоҳ, баррасӣ ва қазовати патриархарии сокинони деҳа нисбат ба фаъолияти занони деҳот осон набуда, иродаи қавӣ, далерӣ, матонати гурдофаридӣ зарур аст, то ба дараҷаи муваффақияти Барно Ашӯрова расид.

27 марти соли 2007 мо, кормандони соҳаи маорифро суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати мақоми омӯзгор дар ҷомеа басо руҳбаланд намуда буд. Дар Паём Пешвои миллат зикр карда буданд: «Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг, устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд». Бешак, ин суханҳои тиллоии Сарвари давлат ба унвони омӯзгороне, чун муаллима Барно Ашӯрова рабт доштанд. Бо тадбирҳои хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол банда вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ интихоб шудам ва марҳалаи хуб барои ҳамкорӣ бо Барно Ашӯрова ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оғоз ёфт. Дар ин росто, воқеан, муаллимаи азиз чун устод дар фаъолияти илмиву таълимии ман роҳбалад буданд. Барно Ашӯрова дар донишгоҳ аз собиқадорон ва фаъолтарин устодон маҳсуб меёфтанд.

Воқеан, сифатҳои ҳамидаи инсонӣ – хушахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ, сермаҳсулӣ, муносибати хуб бо ҳамкорон, самимият бо донишҷӯён муаллимаро соҳибэҳтиром намудааст. Бо ҳама корафтодагон ҳамеша пазироии хубу чеҳраи кушода доранд ва то имконият ба кумакашон мешитобанд. Аксар кормандони донишгоҳ муаллимаро устоди хеш меҳисобанд, зеро дар рушди фаъолияти илмиву методӣ ва таълимӣ маслиҳатҳои беғаразона медиҳанд.

Барно Ашӯрова бо сари баланд ва ифтихору шарафмандӣ аз рӯзҳои гузашта, аз кору пайкори хеш ёд мекунанд, шояд ба назари бархе ин кори саҳле бошад, вале танҳо омӯзгор дарк менамояд, ки ин пайроҳаи нангу номус чӣ қадар талошу изтироб ва ҷонфидоиҳоро талаб менамояд, то ба истгоҳи муваффақият бирасӣ!



Муаллимӣ «ишқ» ва «ошиқӣ» аст ва гиреҳи кори азими таълиму тарбия, ки корест мондагор, ба дасти пурэҷозаи омӯзгорон кушода мешавад. Розу асрори ин касбро муаллима Барно Ашӯрова шарҳ дода метавонанд. Муаллима аз он омӯзгорони серталабу соҳибмаромеанд, ки ҳамвора дар ҳалқаи шогирдон қарор дошта, садои дили онҳоро гӯш медиҳанд ва кӯшиш менамоянд ба онҳо кумаке намоянд. Ин гуна сифатҳои ҳамидаро танҳо омӯзгори асилу ғамхор ва дилсӯзи касби худ дошта метавонад. Ба шогирди хеш ҷойгоҳи фарзандиро дода, маҳз ба шогирдон «бачаҷон» гуфта муроҷиат кардаанашон роҳи муваффақияти илму фановариро ба рӯйи ҳар як донишҷӯ мекушояд. Ҳазорҳо шогирд, қабл аз ҳама, маҳз аз меҳрубонӣ, пасон аз тадриси муаллима комрон гаштаанд.

Имрӯзҳо шогирдони муаллима дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ва берун аз он фаъолияти бенуқсон доранд. Ҳанӯз ҳам агар бо муаллимаи азиз вохӯред ва суҳбат ороед, аз мавзуи илму донишу шогирдони хеш зиёдтар аз вазъи саломатиашон сухан мекунанд. Инсонҳое вуҷуд доранд, ки бо сухани хеш дигаронро ҳам монанди худ собитқадам, фарҳангдӯст, амиқандеш мекунанд, оламро ба назари дигарҳо бо рангҳои гуногун ҷило дода метавонанд, устоди мо аз ҳамин ҷумлаанд.

Вақте қисса аз чунин ашхосе, ки дар коргоҳ ва фаъолияти иҷтимоӣ намунаи ибратанд, меравад, бархе бо кунҷковӣ аз ҳаёти хонаводагии шахси мухотаб суол мекунанд. Ба ин суолот бо суол бояд посух дод: магар як боғбони мумтозе, ки тафриқа байни ниҳолону гулбуттаҳо намегузорад ва ҳадафаш рушд, сабзишу нуму ва ободии Ватан аст, метавонад гулистони хонаи худро дар ҳоли ғайримувозӣ қарор диҳад? Муаллимае, ки барои парвариши шогирдон ҷонфидоӣ мекунад, магар метавонад муқаддасоти хонаводагиро нодида гирад ва дар тарбияи ҷигарбандони хеш саҳлангорӣ намояд? На, ҳаргиз на! Баръакс, тамоми ҷаҳду талоши худро барои тарбияи комили фарзандон мебахшад. Онҳоро баҳравар аз ахлоқу одоби улгу ва огоҳ аз ҳувият, фарҳангу забони миллӣ тарбия менамояд. Имрӯз чор ниҳоли боғи муҳаббати муаллима парваришкарда бо донишу зеҳнияти расо ва заҳмату меҳнати ҳалол ва рафтори ҳамида дар дилу дидаи мардум маъво доранд. Фарзандони наку на танҳо чеҳраи зебои модарро ба ирс гирифтаанд, балки донишмандӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ ва кордониву масъулиятшиносиро аз модар омӯхтаанд.

Муаллима Барно Ашӯрова бо як неруву ҷасорати ба худ хос ба қалби ҳазорон шогирдони дигар нури маърифат меафкананд ва дар роҳи зиндагӣ рисолати роҳбаладиро идома медиҳанд. Мо ба ин бонуи боназокату бомалоҳат, начибу некусияр ва соҳибмақом офиятмандиву муваффақияти бештар орзу дорем.

Ҷавҳарӣ Муҷибахон ОДИЛ,
раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, узви ИНТ

ЧЕҲРА

Имрӯз бо шарофати соҳибистиқлолии мамлакат мақоми омӯзгор ва маориф беш аз пеш афзудааст. Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустини фаъолияташон ба рушди соҳаи маориф аҳаммияти аввалиндараҷа дода, барои ислоҳоти куллии ин соҳаи тақдирсози миллат шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам оварданд.

Соҳибтаҷрибаю соҳибэҳтиром

Омӯзгорон низ имконияту шароити замони Истиқлоли давлатиро қадр карда, дар роҳи тарбияи насли наврас фидокорона заҳмат мекашанд. Яке аз чунин омӯзгорон Қамар Мирзоев мебошад, ки бо фаъолияти зиёда аз чилсолаи худ дар соҳаи маорифи кишвар саҳми арзанда гузоштааст.

Қамар Мирзоев 18 майи соли 1962 дар деҳаи Зуманди ноҳияи Варзоб таваллуд шудааст. Ӯ хатмкардаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (соли 1985) буда, ҳоло дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Варзоб ба ҳайси омӯзгори технологияи меҳнат фаъолият мекунад.

Ӯ соли 2024 ҳамчун беҳтарин омӯзгори технологияи меҳнат дар ноҳияи Варзоб эътироф гардида буд. Барои омӯзиши таҷрибаи пешқадами ӯ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ҷузвдони махсуси ҳуҷҷатҳо таҳия гардида, нақшаҳои таълимӣ ва мавзуӣ, конспектҳои дарсҳои кушод, маърӯзаҳо, маводи баромадҳо дар ҷаласаҳои шуроҳои омӯзгорӣ, иттиҳодияҳои методӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, дастурҳои методӣ, маводи дидактикӣ, журналҳои синфӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба фаъолияти омӯзгор мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд.

Кабинети технологияи меҳнат, ки таҳти роҳбарии ӯ фаъолият менамояд, намунаи муҳити воқеии касбомӯзӣ мебошад. Ҳуҷраи таълимӣ тозаву озода буда, бо аёниятҳои гуногуни диққатҷалбкунанда, намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ, асбобҳои таълимӣ, суробҳои воситаҳои техникӣ ва воситаҳои зарурии омӯзиш муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар он ҷо намунаҳои гулдӯзӣ, зардӯзӣ, ҳунарҳои дастӣ, бозичаҳои миллӣ, корҳои эҷодии хонандагон ва дигар маҳсули фаъолияти шогирдон ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар деворҳои кабинет шиору овезаҳо ва лавҳаҳои тавсиявии бехатарӣ оид ба аҳаммияти касбу ҳунаромӯзӣ, расму аксҳои гуногуни марбут ба ҳунарҳои мардумӣ ва маводи таълимӣ ҷой дода шудаанд.

Қамар Мирзоев аз дастовардҳои шогирдонаш ифтихор менамояд. Ба гуфтаи ӯ, аксари хонандагон ба касбу ҳунаромӯзӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар озмунҳои гуногуни сатҳи мактабӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок мекунанд. Бисёре аз онҳо соҳиби ҷойҳои намоён гардидаанд. Бешак, ин дастовардҳо натиҷаи меҳнати пайваста ва фаъолияти самараноки омӯзгор мебошанд.



Мирзоев муаллифи даҳҳо тавсияи методӣ ва мақолаҳои илмию методӣ буда, пайваста дар масъалаҳои такмили раванди таълим ва тарбия фаъолона иштирок мекунад. Инчунин, ӯ дастури таълимии «Касбу ҳунарҳои миллӣ»-ро барои машғулиятҳои фанни технологияи меҳнат таҳия намудааст, ки барои марказҳои таълимии калонсолон низ аҳаммияти калон дорад.

Мавсуф ҳамчун омӯзгори соҳибтаҷриба, дар баробари фаъолияти таълимӣ, ба корҳои ташкилӣ ва методӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Айни замон ӯ роҳбарии иттиҳодияи методии омӯзгорони технологияи меҳнати ноҳияи Варзобро ба уҳда дошта, барои баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорони ҷавон саҳми арзанда мегузорад.

Дар доираи фаъолияти иттиҳодияи методӣ ӯ мунтазам дарсҳои кушод, машваратҳои методӣ, семинарҳо ва мубодилаи таҷрибаро ташкил намуда, омӯзгоронро бо дастовардҳои навтарини илми педагогика, методикаи таълим ва технологияҳои муосири омӯзиш шинос менамояд.

Дар натиҷаи чунин фаъолияти пурсамар, шогирдони собиқи ӯ имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимии ҷумҳурӣ фаъолият намуда, ҳамчун мутахассисони соҳибкасб шинохта шудаанд. Бисёре аз онҳо робитаи худро бо устод нигоҳ дошта, барои гирифтани маслиҳату машваратҳои касбӣ ҳамеша ба ӯ мурочиат менамоянд. Истифодаи васеи усулҳои фаъоли таълим, ташкили машғулиятҳои амалӣ, ҷорӣ намудани унсурҳои технологияҳои муосири омӯзиш ва таваҷҷуҳи доимӣ ба рушди маҳорати касбии хонандагон аз омилҳои асосии муваффақияти ӯ ба ҳисоб мераванд.

Омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгори технологияи меҳнати муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Варзоб Қамар Мирзоев барои иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисос, омӯзгорони ҷавон ва кулли омӯзгорони технологияи меҳнат аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Фаъолияти бисёрсолаи ӯ намунаи ибрат буда, нишон медиҳад, ки меҳнати содиқона, ҷустуҷӯи доимии роҳҳои нави таълим ва муҳаббат ба касби омӯзгорӣ метавонанд ба натиҷаҳои назаррас оварда расонад. Таҷрибаи чунин омӯзгорон бояд омӯхта, дастгирӣ ва тарғиб карда шавад, зеро онҳо дар тарбияи насли соҳибмаърифату ватандӯст ва ҳунарманд саҳми арзанда мегузоранд.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

ОМӮЗИШ

Чароғи роҳнамо

Китоб муҳимтарин сарчашмаи дониш ва маърифат ба шумор рафта, чароғи роҳнамоест, ки инсонро аз торикӣ ба сӯйи равшании дониш ҳидоят мекунад. Дар асри технология ва зеҳни сунъӣ мавқеи китоб боз ҳам баланд шуда, воситаи асосии омӯзиш, тарбия ва ташаккули инсон мебошад.

Вақте инсон китоб мехонад, дониш ва ҷаҳонбиниаш такмил ёфта, роҳи ҳалли мушкилотро зудтар дармеёбад.

Бо мурури замон ӯ тарзи дуруст, равон сухан гуфтанро аз худ мекунад. Қобилияти баён кардани фикр калиди муваффақият дар кору зиндагӣ мебошад. Омӯзиши асарҳои бадеӣ меҳру шафқат, адолат, садоқат ва масъулиятшиносиро омӯзонда, касро инсондӯст, ватандӯст ва бофарҳанг мегардонад.

Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ вақти зиёди иддае аз ҷавононро гирифтаанд. Агар ҷавонон ба ҷойи истифодаи бештари телефон ба китоб рӯ оваранд, сатҳи дониш, фарҳанг ва тафаккури онҳо ташаккул меёбад.

«Хонае, ки дар он китоб нест, мисли ҷисмест бе руҳ»-мегуфт Ситсерон. Пас, биёед, хона ва қалби худро бо китоб мунаввар созем.

Шарифҷон АБДУҚУЛОВ,
донишҷӯйи курси 3-юми факултети журналистикаи ДМТ

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Панҷакент 1076 иншоот сохта ба истифода дода шуд.

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Омӯзгори фидоӣ

Ҳар пагоҳӣ марди миёнасоле дучархасавор масофаи 2 км роҳро тай карда, ба ҷойи кораш – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 меояд. Гоҳе мешавад, ки дар роҳрав суханони падараш, марҳум Тилавмурод Мирзоқулов, ки 54 сол дар ҳамин мактаб муаллим буд, дар гӯшаш садо медиҳад:

- Муаллим шав, писарам, чунки муаллимӣ рисолати муқаддас аст.

Ҳамин гуфтаҳои қиблагоҳро ба назар гирифта, Нурмаҳмад Мирзоқулов баъди хатми мактаби миёна ба Омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдураҳмони Ҷомии шаҳри Бохтар дохил шуда, онро соли 1990 хатм карда, ба пешаи омӯзгорӣ машғул гардид. Инак 36 сол аст, ки ба фарзандони сокинони деҳа илму дониш меомӯзонад. Вай касби интихобкардаашро ниҳоят дӯст медорад. Солҳои аввал муаллим буд, ҳоло қариб 30 сол аст, ки муовини директори муассиса мебошад.

Дар муддати муовини директор оид ба таълим будан, назорати дохилимактабӣ, ҳуҷҷатгузорӣ дар муассиса дигаргун гашта, натиҷаҳо беҳтар шудаанд.

Фақат дар соли хониши 2025-2026 3 нафар шогирди мактаб дар даври вилоятии олимпиада ғолиб омада, ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтанд.

Нурмаҳмад Мирзоқулов тачрибаи омӯзгорони собиқадорро омӯхта, ба муваффақиятҳои беназир ноил гардид.

- Ҳар гоҳ ки шогирдон бо ман рӯ ба рӯ мешаванду бо эҳиром «Салом, устод» мегӯянд, аз ин дида ба ман дигар хушҳолию хушбахтӣ нест,-мегӯяд ӯ.

Ҳақ ба ҷониби Шоири халқии Тоҷикистон



Камол Насрулло аст, ки гуфтааст:

Баландастаз фалакшони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам,
Ҳалол аз пораи нони муаллим.

Омӯзгор Нурмаҳмад Мирзоқулов дар пур кардани чайнворду кроссворд ва сканвордҳо дониши хуб дорад.

- Барои ёфтани ҳар калима маҷбур мешавам, ки ба манбаъҳо мурочиат намоям,-меафзояд вай. Муаммоҳои зеҳнӣ дар қатори василаи фароғатӣ будан, такмилбахши дониш низ мебошад,-мегӯяд Н. Мирзоқулов.

Бояд гуфт, ки Н. Мирзоқулов марди нексиришту бофарҳанг мебошад.

- Аз моҳи сентябри соли 2026 бори дигар зиёд кардани маоши омӯзгорон, мо - муаллимонро водор месозад, ки дар фаъолияти омӯзгориямон масъулияти бештар зоҳир намоем ва заррае ҳам бошад, дар таълиму тарбияи насли наврас ҳиссаи арзандаамонро гузорем,-мегӯяд қаҳрамони мо.

Табаралӣ ЗАБИРӢ,
омӯзгори математикаи МТМУ №12-и ноҳияи Хуросон, узви ИЖТ

Маърифатманду заҳматкаш

Дар ҷомеа шахсоне ҳастанд, ки зиндагияшон намунаи ибрат мебошад. Кору пайкор, фарзандони тарбиякардаашон ва шогирдони ба камол расонидаашон шоистаи пайравист. Чунин инсонҳо сутунҳои маънавии ҷомеаанд, зеро бо меҳнат, қалби пурмеҳр ва масъулияти баланд ба зиндагии дигарон рӯшноӣ мебахшанд.

Яке аз чунин мардони некном, фидоии маориф, омӯзгори соҳибтачрибаи фанни биология Маъруфҷон Тӯхтаев мебошад.

Ӯ солҳо боз ба насли наврас дар баробари дарси биология, дарси одамият, поквичдонӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба донишро меомӯзонад.

Соли 1973 қадамҳои аввалини худро ба остонаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гузошт. Мактаб барои ӯ сарчашмаи муҳаббат ба дониш, эҳтиром ба омӯзгор ва пайванди умр бо маориф гардид.

Падараш Искандар Тӯхтаев ва модараш Бароатхон Тӯхтаева ба шуғли деҳқонӣ машғул буданд. Аз ҳамин сабаб, Маъруфҷони наврас дар баробари таҳсил, ба корҳои хоҷагӣ низ ёрӣ мерасонд. Ӯ аз овони наврасӣ маънии меҳнати ҳалолро дарк кард: донист, ки нон бе заҳмат ширин намешавад, обрӯ бе поквичдонӣ пойдор намемонад.

Аз соли 1987 то соли 1989 Маъруфҷон Тӯхтаев хидмати ҳарбиро адо намуд. Хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ӯ мактаби мардонагӣ, интизом, ҷасорат, масъулият, тобоварӣ ва садоқат ба Ватан гардид.

Мавсуф соли 1989 ба факултети химия-биологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи С. Киров (ҳоло ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров) дохил шуда, онро соли 1994 хатм намуд.

Аз соли 1994 фаъолияти омӯзгории ӯ дар МТМУ №41-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз гардид. Ӯ дар дарс мекӯшид, ки хонандагон табиатро дӯст доранд, қонунҳои ҳаётро дарк кунанд, ба илм бо эҳтиром нигаранд ва муҳимтар аз ҳама, инсон буданро омӯзанд.

Фаъолияти софдилона ва муносибати масъулонаи ӯ боис гардид, ки соли 1998 дар ҳамин муассиса ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ таъйин гардад. Ин вазифа аз омӯзгор хирад, таҳаммул, адолат, муносибати дуруст бо хонанда, падару модар ва омӯзгоронро талаб мекунад. Маъруфҷон Тӯхтаев дар ин вазифа худро ҳамчун шахси ташкилотчӣ ва масъулиятшинос нишон дод.



Соли 2009 шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фаъолияти пурсамари мавсуфро ба эътибор гирифта, ӯро ба вазифаи директори МТМУ №41 таъйин намуд. То соли 2020 роҳбарии муассисаро ба уҳда дошт.

Аз соли 2020 то имрӯз Маъруфҷон Тӯхтаев ҳамчун омӯзгори фанни биология фаъолияти хешро идома мебахшад. Бозгашти ӯ ба синфхона, ба дарс, ба шогирд ва ба фанни дӯстдоштааш далели равшани он аст, ки муҳаббати ӯ ба омӯзгорӣ аз вазифа болотар аст.

Соли 2025 бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илм сарфароз гардид.

Ӯ дар зиндагии хонаводагӣ низ падари ғамхор ва сутуни хонадон аст. Соли 1990 бо Нодира Тӯхтаева, ки омӯзгори забони русӣ мебошад, оила барпо намуд.

Аз ин оилаи хушбахт се фарзанд - Манучеҳр, Маҳноза ва Марҷона ба камол расидаанд. Манучеҳр дар бонки «Эсхата» фаъолият мекунад, Маҳноза рӯзноманигор, Марҷона омӯзгори фанни забони англисӣ мебошад. Маълум аст, ки дар ин хонадон илму маърифат, меҳнат, тарбия ва интихоби бошуурона ҷойгоҳи хосса доранд. Пешаи омӯзгорӣ дар ин хонадон идома ёфтааст, ки аз муҳаббат ба мактаб, дониш ва тарбияи наслҳо сарчашма мегирад.

Соли 2025 ҳамчун оилаи намунавӣ дар вилоят шинохта шуда, бо сипоснома ва туҳфаҳо сарфароз гардид.


Маъруфҷон Тӯхтаев ва ҳамсараш бо нони ҳалоли омӯзгорӣ фарзандонро ба камол расонида, соҳиби маълумоти олӣ намуданд ва бо сари баланд ба зиндагии мустақил гусел карданд. Ин кор осон нест. Паси ҳар диплом, ҳар хонадоршавӣ, ҳар қадами фарзандон дар зиндагӣ шабҳои бедорӣ, талошҳои волидон, сабр ва заҳмат меистад.

Имрӯз ин марди некном дар иҳотаи оилаи хушбахт барои фарзандон ҳамчун падари ғамхору роҳнамо, барои наберагони дӯстрӯяк ҳамчун бобои меҳрубон ва барои ҳамкорон ҳамчун омӯзгори соҳибтачрибаю соҳибэҳтиром мебошад.

Ба омӯзгори фидоӣ Маъруфҷон Тӯхтаев саломатӣ, рӯзгори хуш ва дастовардҳои бештар таманно дорем.

Т. ЮЛДУЗХОН,
омӯзгори фанни биологияи МТМУ №8-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

ЧАШМАНДОЗ



Маорифи ҶАҲОН

Покистон

Низоми маорифи Покистон бештар ба низоми таълимии Британия такя намудааст. Таҳсил аз зинаи томактабӣ оғоз ёфта, баъдан ба ибтидоӣ, миёна ва таҳсилоти олӣ мегузарад. Давраи ибтидоӣ одатан панҷ солро дар бар гирифта, пас аз он таҳсил дар зинаи миёна оғоз мешавад. Баъди хатми синфи 10 хонандагон имтиҳони давлатӣ супорида, соҳиби шаҳодатномаи хатм мешаванд.

Дар мактабҳо бештари машғулиятҳо бо забонҳои урду ва англисӣ гузаронида мешаванд. Дар кишвар ҳам мактабҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ фаъолият мекунанд.

Багама

Таҳсилоти томактабӣ дар Багама барои омода кардани кӯдакон ба мактаби ибтидоӣ пешбинӣ шудааст ва одатан кӯдакони то 5-сола дар ин зина таҳсил мекунанд. Марҳалаи томактабӣ асосан аз боғчаҳо ва марказҳои пешазмактабӣ иборат мебошад. Дар ин зина ба омӯзиши расмӣ камтар ва ба рушди нутқ, муошират, бозӣ, малакаҳои иҷтимоӣ ва омодагӣ ба хондану навиштан бештар диққат дода мешавад. Дар бисёр муассисаҳо кӯдакон тавассути бозӣ, мусиқӣ, расмкашӣ, фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва корҳои гурӯҳӣ таълим мегиранд.

Свазиленд (Эсватини)

Свазиленд дар Африқои Ҷанубӣ ҷойгир буда, аз соли 2018 расман Эсватини ном бурда мешавад. Таҳсилоти олӣ дар Эсватини баъди хатми таҳсилоти миёна оғоз мешавад ва донишҷӯён метавонанд ба донишгоҳҳо, коллеҷҳо ё муассисаҳои касбӣ дохил шаванд. Низоми таҳсилоти олӣ аз ҷониби Eswatini Higher Education Council танзим ва назорат карда мешавад, ки сифати барномаҳо ва аккредитатсияи муассисаҳоро таъмин мекунад. Яке аз муассисаҳои маъруфи кишвар University of Eswatini мебошад, ки соли 1976 таъсис ёфтааст ва ихтисосҳои гуногунро дар соҳаҳои омӯзгорӣ, кишоварзӣ, илм, иқтисод ва дигар самтҳо пешниҳод мекунад.

Дар Свазиленд, инчунин, ба таҳсилоти техникӣ ва касбӣ аҳаммияти зиёд дода мешавад, то донишҷӯён баъд аз хатм зудтар ба бозори меҳнат ворид шаванд. Соли таҳсил дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олӣ одатан аз моҳи январ оғоз шуда, то моҳи ноябр ё декабр идома меёбад.

Вануату

Вануату кишвари ҷазиравӣ мебошад ва низоми маорифаш ба шароити ҷуғрофии кишвар мутобиқ шудааст. Дар бисёр ноҳияҳо мактабҳо донишомӯзони якчанд минтақаро ба таҳсил фаро мегиранд. Барои баъзе хонандагон интернатҳо ташкил шудаанд, зеро масофа байни ҷазираҳо зиёд аст.

Забонҳои асосии таълим англисӣ ва франсавӣ мебошанд. Ҳамчунин, забони маҳаллии бислама низ истифода мешавад. Ба таҳсилоти касбӣ, махсусан, дар соҳаҳои сайёҳӣ ва хидматрасонӣ аҳаммият дода мешавад. Технологияҳои рақамӣ тадриҷан ба мактабҳо ворид мегарданд. Яке аз фактҳои ҷолиб ин аст, ки баъзе хонандагон барои расидан ба мактаб аз нақлиёти баҳрӣ истифода мебаранд.

Венесуэла

Дар Венесуэла таҳсилоти асосӣ ройгон ва ҳатмӣ мебошад. Давлат сиёсати маорифро тавассути Вазорати маориф танзим мекунад. Низоми таҳсил аз марҳалаҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ иборат аст. Забони асосии таълим дар мактабҳо испанӣ мебошад. Дар кишвар ҳам мактабҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ фаъолият доранд.

Дар гузашта Венесуэла аз кишварҳои пешсафи минтақа дар дастрасӣ ба таҳсил ба ҳисоб мерафт. Солҳои охир низоми маориф бо мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ шудааст.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Тоҷикистон ва Латвия ҳамкориро дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ густариш медиҳанд.

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»

Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.

Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳа, омӯзгорони эҷодкору навовар, мақому мартабаи аҳли таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.

Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муъҷазу навоварона эҷод шудаанду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:

Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва туҳфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

«Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ»

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 115-солагии адиби маъруф, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода барои беҳтарин мақолаҳо таҳти унвони «Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ» озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба моҳияту муҳтавою махсусиятҳои эҷодиёти адиб (ба вежа, инъикоси мавзуъҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва асолати таърихӣ дар осори нависанда), нақши адиб дар такомули адабиёти тоҷик, ҷанбаҳои фаъолият ва лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи тарҷимаи ҳоли адиб ва суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Нигоштаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ, методӣ ва ё тақризу мусоҳиба бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:

Ҷойи 1 – 3000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 2000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 1000 сомонӣ

Таъкид:

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman Tj, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошанд. Дар акси ҳол, маводи пешниҳодшуда ба озмун роҳ намеёбанд. Маҷмуи мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида чоп мешавад.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ҳафтаномаи «Омӯзгор»

МУЛОҲИЗА

ТАШАККУЛБАХШИ АФКОРИ ҶОМЕА

Дар шароити муосир ва рушди босуръати технологияи иттилоотӣ воситаҳои ахбори омма, хусусан, матбуот мавқеи муҳимро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеа ишғол мекунад. Бо пайдо шудани шабакаҳои гуногуни интернетӣ ва рушди босуръати он аз байн рафтани рӯзномаҳо кайҳо пешгӯӣ шуда буд. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз рақобати радио, телевизион ва ҳоло интернет нашрияҳо тавонистанд аҳаммияти худро нигоҳ дошта, дар ташаккули афкори ҷомеа, хусусан, насли наврас ва ҷавонон таъсири бузург дошта бошанд.

Доираи мавзуъҳои матбуот доманадор аст. Истифодаи жанрҳои гуногуни журналистика – хабар, мақола, мусоҳиба, нигориш ва лавҳаро маводу матолибро пуробуранг мегардонад.

Нашрияҳо ҳамчун манбаи маърифат ва нишони фарҳанги ҳар халқу миллат ба шумор рафта, ба гунаи сабти таърихи миллат пазируфта мешаванд. Дар рӯзномаҳо бештар мақолаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ нашр мешаванд, ки ба рушди фикрии хонандагон таъсири бузург мерасонанд. Дар баробари ин, рӯзномаҳо дар ҳифз ва рушди забони давлатӣ ва адабиёти миллӣ нақши бориз доранд.

Дар таърихи матбуоти тоҷик аввалин рӯзнома «Бухорои шариф» ба ҳисоб меравад, ки 11-уми марти соли 1912 нашр гардид. «Бухорои шариф» рӯзномаи номдори давр ба ҳисоб мерафт ва барои бедории фикрии мардум хидмат мекард.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияҳои зиёд фаъолият намуда, дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муҳим мебозанд. «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Омӯзгор», «Минбари халқ», «Народная газета» ва ғайра аз зумраи бонуфузтарин нашрияҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, шумораи зиёди хонандагон доранд.

Боиси ёдоварист, ки нашрияҳо дар ҳама давру замон неруи созанда ва пешбарандаи ҷомеа буда, дар рушди афкори ҷомеа нақши муассир мегузорад.

Меҳрафрӯзи ҶУМЪАМУРОД,
ходими илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи БП №003850, ки онро соли 2004 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур ба Насриддинова Саёҳат Баҳриевна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи А №992155, дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1979 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Хоҷаев Ҳасан Узбекович додааст, эътибор надорад.

Ҷавоби муаммои «ЛОМОНОСОВ» («Омӯзгор», №22, 4.06.2026)

Аз боло ба поён:

2. Одам. 3. Овоз. 5. Аҳсан. 6. Андарз. 7. Монда. 8.Ирфон. 10. Гана. 11. Амин.

Аз чап ба рост:

1. Ломоносов. 4. Самара. 7. Маориф. 9. «Одина». 12. Андарз. 13. Арманӣ. 14. Паҳлавонӣ.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ОМОР»


Аз боло ба поён:

1. Дарё дар Тоҷикистон. 2. Зарфи сафолӣ, кӯза. 3. Онро самак ҳам мегӯянд. 4. Баҳо, арзиш, қимат. 5. Дараҷаи маълумот. 6. «*** ба нишастан насиби кас намешавад» (Сайидо). 8. Натиҷаи ҳисобу китоб, рақамҳои дақиқ. 12. Шамоли форам. 13. Романи А.М.Горкий. 15. *** Адҳам, шоир ва мутарҷими тоҷик. 16. «*** ба амал чу ёр гардад» (Низомӣ). 20. Ҳунарманди чирадасти ҳар соҳа. 22. «Ақл дар гӯши танам гуфт, ки *** адаб аст» (Мавлоно). 23. Хавф, ваҳм, бим. 24. Моҳи ҳаштуми соли шамсӣ, ки ба 23 октябр ва 21 ноябр рост меояд. 25. Давлат дар қитъаи Осиё. 27. Нидо. 29. Рутубат, намӣ, тарӣ.

Аз чап ба рост:

6. Пойтахти Латвия. 7. Шакли дигари ифодаи «ҳеҷ гоҳ». 9. Муқобили наздик. 10. «*** омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт» (М. Турсунзода). 11. Бо чашм ё бо узви дигар ишора кардан. 12. Асосгузори шеъри сафед. 14. Шаҳр дар Ҷумҳурии Туркманистон. 17. Овоз, оҳанг. 18. Шахси донишмандро гӯянд. 19. Навъи қаламфур. 21. Шакли кӯтоҳшудаи исми муассисаи илмии мамлакат. 26. *** Муҳаммадҷонов, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон. 28. Бузург, кабир. 29. Ифодакунандаи шахсияти инсон. 30. Моддае, ки аз гарди орди гандум, ҷуворимакка ва ғайра барои сахт ва ҷилодор шудани матоъ тайёр мекунанд. 31. Унсури кимиёвӣ. 32. Найзаро гӯянд.

Муратгиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»



ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАҲТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Раҷабзод